ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ
САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

ТДУ: 336 (575,3)
ББК: 65.9 (2) 26 (2 тоҷик)
С - 33

Бо ҳуқуқи дастнавис

САФОЕВ АБДУМАҶИД КАРИМОВИЧ

# ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РАВАНДИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## АВТОРЕФЕРАТ

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии
корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо**

Душанбе – 2023

Диссертатсия дар кафедраҳои иқтисодиёти ҷаҳон ва назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Мушовири илмӣ:** | **Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло** – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Низамова Тухфамо Давлатовна -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| | **Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон |
| | **Алиджанов Джамшед Абдукаюмович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» |
| **Муассисаи пешбар:** | **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** |

Ҳимояи диссертатсия санаи 05 сентябри соли 2023, соати 13[00] дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и оид ба ҳимояи дисертатсияҳои докторӣ ва номзадии назди Институти иқтисодиёт ва демографияи академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргузор мегардад. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44. E-mail: boboev.komil@list.ru. Тел: 911-00-48-84

Бо матни диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон шинос шудан мумкин аст http//www.ied.tj.

Автореферат «_____» ____________ соли 2023 тавзеҳ шудааст.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент Бобоев К.О.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар айни замон бо мақсади рушди раванди саноатикунонии босуръати мамлакат ба фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи ислоҳоти густурдаи иқтисодӣ, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ нигаронида шудааст, диққати асосӣ дода мешавад. Аз нуқтаи назари моҳияти ислоҳоти иқтисодиёт, масъалаи баланд бардоштани фаъолсозии сармоягузорӣ ва беҳтар намудани фазои мусоид барои сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои калидӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, дар марҳилаи кунунии дигаргунсозии иқтисодӣ, ҳадафи асосии идоракунии иқтисодӣ дар шакли дарозмуддат ин фароҳам овардани шароит барои рушди устувор ва рушди низоми ҳудудии иқтисодӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии мамлакат нигаронида шудааст. Ин устувории иқтидорӣ такрористеҳсолӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, захиравӣ ва экологиро таъмин менамояд. Ноил гардидан ба ин ҳадафҳо бе коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти малакат имконпазир мебошад. Чӣ тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуд: «То соли 2025 дар кишвар татбиқи беш аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ пешбинӣ гардида, танҳо ба бахши воқеӣ ва инфрасохтор зиёда аз 82 млрд. сомонӣ сармоягузорӣ карда мешавад. Агар соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошта бошад, пас дар замони соҳибистиқлолӣ 2500 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, соли 2022-юм 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият карда истодаанд. Танҳо соли 2022-юм беш аз 500 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 млрд. сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд».[1]

Дар шароити муосир барои саноатикунонии босуръати мамлакат зарурияти фаъолгардонии механизми татбиқнамоии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, институтҳои татбиқкунандаи он, таъмини сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва захираҳои нав барои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба миён меояд, ки ба дастовардҳои навтарини илмӣ ва механизми нави амалишавӣ такя мекунанд. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, ки марҳилаи сеюми татбиқи стратегия бояд «Марҳилаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо (солҳои 2026-2030)»[2] бошад.

Дар баробари ин барои сатҳи баланди сармоягузорӣ ба иқтисодиёт на танҳо захираҳои давлатӣ, балки захираҳои минтақаҳо ва бахши хусусӣ бояд ҷалб карда шаванд. Аз ин рӯ, самаранокии идоракунии лоиҳаҳои

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе. 23.12.2022. Захираи электронӣ: http://prezident.tj/ru/node/29824 (Санаи тафтиш: 24.12.2022).

[2] Стратегияи миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2016, №392. - С. 24.

сармоягузорӣ бештар аз иштироки ҷалби тамоми субъектҳои иқтисодиёти миллӣ дар раванди сармоягузорӣ вобаста мебошад.

Ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба муносибати татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар кишвар, бояд ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, ки рушди онҳо бо татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла мақсади саноатикунонии босуръат дар мамлакат диққати ҷиддӣ додан зарур аст.

Таҳия ва қабули лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд ба принсипҳои идоракунии аз ҷиҳати илман асоснокгардида ва низоми ягонаи меъёрҳо ҳангоми баҳодиҳӣ ва интихоби варианти беҳтарини лоиҳаҳои сармоягузорӣ асос ёбад, ки самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани нақши онҳоро дар саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои мамлакат, асосан ба дастгирии сармоягузории минтақаҳои камрушд нигаронида шудааст, ки он на танҳо нобаробарии иқтисодиро байни минтақаҳои ҷумҳурӣ паст карда метавонад, балки рушди иқтисодиёти миллӣ ва саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишварро аз ҳисоби самаранокии истифодабарии иқтидори иқтисодии минтақаҳо таъмин менамояд.

Дар низоми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, нақши калидиро вазоратҳо ва институтҳо мебозанд, ки занҷираи маъмурӣ ва пешбарандаи сиёсати саноат дар мамлакат мебошанд. Маҳз ин институтҳо мақсади сармоягузорӣ дар соҳаи саноатро муайян намуда, дар татбиқи самаранокии онҳо ӯҳдадор мебошанд.

Хусусияти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он таҷассум мегардад, ки он дар ду сатҳ сурат мегирад. Сатҳи якум - ин лоиҳаҳое мебошанд, ки дар минтақаҳо тавассути Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ амалӣ мешаванд ва сатҳи дуюм - ин лоиҳаҳое мебошанд, ки худи минтақаҳо барои татбиқ пешниҳод менамоянд.

Аз нуқтаи назари илмӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ на танҳо ҳамчун нишондиҳандаи самтҳои истифодаи захираҳои сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ, балки ҳамчун нишондиҳандаи вазъи иқлими сармоягузорӣ дар кишвар баромад мекунанд, ки бевосита муносибати байни манфиатҳои давлат ва бахши хусусиро дар раванди сармоягузорӣ нишон медиҳад.

Баррасии раванди таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, ҳамчун нишондиҳандаи вазъи иқлими сармоягузорӣ ин самти нав дар назарияи идоракунӣ буда, аз ин рӯ, омӯзиши амиқи принсипҳои идоракунӣ, меъёрҳои баҳодиҳӣ ва имкониятҳои тавсеаи фазои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб менамояд.

Чунин тартиби масъалагузорӣ зарурияти интихоби мавзӯи таҳқиқоти зикршуда, арзиши илмии он ва мубрамиятро пешакӣ муайян кардааст.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Ҷанбаҳои умумии назариявӣ ва методологии таҳқиқоти раванди сармоягузорӣ, аз ҷумла дар шароити саноатикунонии босуръат дар корҳои чунин олимони ватанию

хориҷӣ: академикони АМИТ Қаюмов Н.Қ, Назаров Т.Н., Нарзиқулов И.Қ., Раҳимов Р.К., Саидмуродов Ҳ.М., инчунин Гришина В., Ғафорзода Ҷ.Ғ., Иванова Л.С., Исмоилов А.А., Каримова И.И., Қурбонов С.Н., Қодирзода Д.Б., Муқаддасзода Ф.М., Набиев Б.А., Наимзода Н.Қ., Нуров Ш.С., Раҳимзода Ш.М., Салиева Х.Ш., Султонзода И.М., Пошиваленко Г.П., Тарелкин А.А., Умаров Ҳ.У., Фаррухи Р., Холов Т.А., Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ., Шарипов У.А., Юсупова Г.А. ва дигарон дида мешавад.

Масъалаҳои таносуби танзими давлатии сиёсати сармоягузорӣ бо таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ-инноватсионӣ, аз ҷумла дар соҳаи саноат дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии чунин олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба монандӣ: Бердиев Р.Б., Горфинкел В.Я., Ендовитский Д.А., Икромов Ф.Н., Каримов А.Х., Қандиёрова Д.О., Комилов С.Ҷ., Левина Л.Ф., Маковетский М.Ю., Мирсаидов А.Б., Низомова Т.Д., Никаноров Д.Е., Никитина Е.А., Розиқов В.А., Солеҳзода (Солиев) А.А., Сафаров С.Г., Швандар В.А., Шедровитский П.Г., Шерова Н.Д. ва дигарон ба назар мерасад.

Таснифи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва раванди самаранокии татбиқи онҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт дар корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Абдуллоев А.Х., Азжеурова К.Е., Алиджанов Дж.А., Бабурин В.Л., Довгялло Я.П., Золотогоров В.Г., Кангро М.В., Пантелеева О.Б., Раҳимов О.Н., Розиқов Б.Х., Сергеев П.В., Тағоев Ҷ.Х., Убайдзода Қ.Н., Файзуллоев Т.Т., Шумилин С.Н. ва дигарон инъикос ёфтааст.

Аҳамияти иқтидори захираҳои табиӣ ва ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар таҳқиқоти муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, ба монандӣ: Аброров Ҳ., Азимов П.Ҳ., Бақоев Ш.С., Бегматов З.Р., Давлатов Қ.Қ., Катаев А.Х., Муртазоев У.И., Муҳаббатов Х.М., Насимова М.А., Обидов Ф.С., Одинаев Ҳ.А., Ольшанская М.В., Пиризода Ҷ.С., Попова А.Р., Сатторов А.А., Уроқов Д., Хоналиев Н.Х., Ҳофизов Ҳ.А., Черезова Я.А. ва дигарон таҳлил гардидааст.

Масъалаҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ дар сатҳи мамлакат ва минтақаҳои он дар асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, ба монандӣ: Баротзода Ш.М., Бобоҷонов Д.Д., Бурков В.Н., Бистров О.Ф., Гончарова Е.А., Ғаффоров Ф.М., Жерновая Э.В., Закирова А.М., Заложнев А.Ю., Зувайдуллоева Г.Х., Инжинова Л.А., Ковалёва С.И., Комилов Н.О., Крутских Д.Б., Лексин В.Н., Леонтев С.В., Маколов В.И., Малишев Д.П., Мирбобоев Р.М., Муминова Ф.М., Назарова Н.С., Николаев М.А., Нуруллоев З.Х., Ройзман И., Саидмуродзода Л.Ҳ., Ҳабибов С., Шапкин А.С., Яковлева Н.А. ва дигарон таҳлил гардидааст.

Дар баробари ин, масъалаҳои асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат, хусусиятҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноати минтақаҳо, инчунин алоқамандии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо раванди саноатикунонии босуръати мамлакат ва бо тавсеаи фазои саноатии он, бахусус, истифодаи усули барномавии идоракунӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ ва мувофиқан, бо роҳи такмили механизми идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври нокифоя омӯхта шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуи илмӣ.** Мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ба муқаррароти чунин барномаҳои давлатӣ: Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2022, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (солҳои 2021-2025, 2016-2020, 2012-2014, 2010-2012 ва дигар солҳои қаблӣ), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025, Барномаи қарзгирии берунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии қарзи берунаи Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» такя менамояд. Рисолаи илмӣ мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаи Шӯрои олимон муҳокима гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии диссертатсия аз асосноккунии илмии баланд бардоштани нақш ва мақоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти идоракунии татбиқи самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- муайян намудани хусусиятҳои идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар заминаи принсипҳои ҷолибияти сармоягузорӣ, иқтидори сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ, фаъолсозии сармоягузорӣ, иқлими сармоягузорӣ ва худи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити саноатикунонии босуръат;
- асоснокии илмии усулҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат;
- дезагрегатсияи мафҳуми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат ва гурӯҳбандии он бо истифода аз меъёрҳои гуногун;
- муайян намудани муаммоҳои рушди соҳаи саноат дар раванди татбиқи принсипи саноатикунонии мамлакат;
- асоснок кардани нишондиҳандаҳои муайянкунандаи тамоюл ва имконоти тавсеаи фазои саноатии мамлакат;
- нишон додани нақш ва мақоми усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар рушди бахши инфрасохтор барои саноатикунонии босуръати мамлакат;
- асоснок кардани роҳи тавсеаи фазои саноатии кишвар ба воситаи банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузории минтақавии афзалиятдошта;

- муайян намудани ҳолати кунунии раванди саноатикунонии минтақаҳои кишвар дар асоси таҳлили индексҳои гуногун;

- баҳодиҳии самаранокӣ ва идоракунии давлатии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани самтҳои стратегии саноатикунонии босуръати мамлакат дар заминаи ҷорӣ намудани механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ва оияндабинии ҳаҷми сармоягузорӣ ва маҳсулоти саноатии кишвар барои давраи то соли 2030 бо истифода аз амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ.

**Объекти таҳқиқот**: раванди идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати саноатикунонии босуръати мамлакат.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ дар низоми таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бобати саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Такмили низоми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳия ва татбиқи онҳо ва истифодаи механизми дусатҳаи идоракунии онҳо, инчунин муайян намудани самтҳои ҳадафноки стратегӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат менамоянд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Диссертатсия солҳои 2010-2023 дар кафедраҳои иқтисодиёти ҷаҳон ва назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** ба муқаррароти бунёдии олимони ватанӣ ва муҳаққиқони мамолики дигар дар идоракунии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории саноат, баррасии масъалаи тавсеаи фазоии саноатӣ дар саноатикунонии босуръати кишвар асоснок карда шудааст.

Инчунин дар рисолаи илмӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалӣ, монографияҳо ва дигар маводҳои дар матбуоти даврӣ нашршуда, захираҳои иттилоотии Интернет, коркардҳо ва ҳисобҳои муаллиф истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар рисолаи илмӣ гузошта шудаанд, усулҳои абстраксияи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, иқтисодӣ-оморӣ, монографӣ, таърихӣ ва мантиқӣ, институтсионалӣ, индуксия-дедуксия ва динамикӣ, инчуни моделсозии иқтисодӣ-математикӣ истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаҳои иттилоотии рисолаи илмиро Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқотҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ марбут

ба мавзуи таҳқиқот, маҷмуаҳои оморие Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Интернет ва дигар сарчашмаҳои иттилоот истифода гардидаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар назди кафедраҳои иқтисодиёти ҷаҳон ва назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

- хусусиятҳои идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили амиқи мафҳум ва категорияи «фаъолияти сармоягузорӣ» ҳамчун маҷмуи васеи самтҳои ояндадори татбиқи он, таъминоти захиравӣ, сатҳи самаранокӣ ва омилҳои таъсиррасонӣ бо маблағузорӣ ба сармояи асосӣ алоқаманд, ошкор карда шудааст;

- усулҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, тавассути ташкил ва амалинамоии барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, инчунин беҳтарсозии фазои дохилию берунии муҳити фаъолияти сармоягузорӣ, муайян карда шудааст;

- дезагрегатсияи мафҳуми «лоиҳаҳои сармоягузорӣ» дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа бо истифода аз меъёрҳои гуногун, гурӯҳбандӣ карда шуд;

- ҷанбаҳои методологӣ ва муаммоҳои идоракунии раванди саноатикунонии босуръати мамлакат тавассути татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа ошкор гардида, шаклҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноат пешниҳод гардид;

- нишондиҳандаҳои тамоюл ва имконоти тавсеаи фазои саноатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои истифодабарии он барои гурӯҳбандии минтақаҳо аз нуқтаи назари рушди саноат асоснок ва муайян карда шудааст. Муайян карда шудааст, ки ба чунин нишондиҳандаҳо шомиланд: рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, сохтори истеҳсоли маҳсулот аз рӯи бартарияти нишондиҳандаҳои асосии саноатӣ, вазни қиёсии минтақаи алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, раванди ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар минтақа ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар;

- нишон дода шудааст, ки усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути татбиқи Барномаи миёнамуҳлати сармоягузориҳои давлатӣ, усули муҳими идоракунӣ дар ноил гардидан ба мақсади саноатикунонии босуръати мамлакат мебошад. Дар кори илмӣ асоснок карда шудааст, ки тартиботи маъмурӣ, муайянкунии меъёрҳо барои ворид намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ,

муайянкунии сарчашмаҳои маблағгузорӣ, инчунин ба инобат гирифтани таъсири хавф ҳангоми татбиқи онҳо, воситаи асосии идоракунӣ дар маблағгузорӣ ва татбиқи амалии вазифа дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат ба ҳисоб меравад.

- ошкор карда шудааст, ки дезагрегатсияи мафҳуми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат имконият медиҳад, ки гурӯҳбандии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ дар раванди банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ арзёбӣ гардида, зарурияти банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузории минтақавии афзалиятдошта, ҳамчун механизми идоракунии тавсеаи фазои саноатии кишвар асоснок карда шавад. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки дар раванди банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳиссаи лоиҳаҳои сармоягузории ҷумҳуриявӣ дар самти саноат, ки бештар ба рушди инфрасохтори саноатӣ таааллуқ дорад, камтар ба назар мерасад;

- дар асоси таҳлили индекси рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, сохтори истеҳсоли маҳсулот аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии саноат, вазни қиёсии минтақаи алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар, ҳолати кунунии раванди саноатикунонии босуръати минтақаҳои кишвар муайян карда шуд. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки барои бештар самаранок истифода бурдани иқтидори ашёи хом ва бойгарии табиии минтақаҳо, баланд бардоштани ҳиссаи лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ дар раванди саноатикунонии босуръат дар ҳар як минтақаи кишвар Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат бояд созмон дода шуда ва фаъолияти он бо Шӯроҳои маҳаллию минтақавии соҳибкорию сармоягузории амалкунанда ҳамоҳанг карда шавад;

- баҳодиҳии самаранокӣ ва идоракунии давлатии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ нишон доданд, ки бо мақсади баланд бардоштани нақш ва мақоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат, дар баробари Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, бо назардошти иерархияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа ва зиёд намудани ҳиссаи саноати коркард дар сохтори саноати мамлакат, зарур аст, ки Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат таҳия ва қабул карда шавад;

- ошкор карда шудааст, ки муҳимтарин қарори идоракунӣ дар сатҳи давлатӣ бо мақсади тавсеаи фазои саноатии мамлакат, ин ҷорӣ намудани механизми дусатҳаи идоракунӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад. Дар кори диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки ҷорӣ намудани чунин механизми дусатҳа имкон медиҳад, ки самтҳои стратегии амалӣ намудани ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар асоснок карда шаванд. Инчунин дар кори диссертатсионӣ бо истифода аз амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ ояндабинии ҳаҷми сармоягузорӣ ва маҳсулоти саноатии кишвар барои давраи то соли 2030 дар асоси амалишавии бандҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва эълони ҳадафнок - солҳои 2022-2026-«Солҳои рушди саноат» муайян карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- хусусиятҳои идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат дар заминаи муносибатҳои ташкилӣ-иктисодӣ ва таъмини афзоиш ва такмили сохтори сармоягузорӣ дар асоси низоми иҷтимоию иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ аз принсипҳои ҷолибияти сармоягузорӣ, иқтидори сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ, фаъолсозии сармоягузорӣ, иқлими сармоягузорӣ ва лоиҳаи сармоягузорӣ, ҳамчун нишондиҳандаи вазъи кунунии он иборат мебошад;

- ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат ба воситаи истифодаи усулҳои барномавӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, институтсионалӣ-молиявӣ ва ниҳоят усулҳои хавф ва кафолатнокии давлатӣ тавассути эълони ҳадаф ва барномасозии мақсадноки соҳа, асоснок карда шудааст;

- дезагрегатсияи мафҳуми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат дар сатҳи минтақа ва ҷумҳурӣ пешниҳод гардидааст. Чунин дезагрегатсия имкон дод, ки бо истифода аз меъёрҳои муносибат бо хавф, давомнокии татбиқшавӣ, сарчашмаи молиявӣ, самт ва соҳаи фаъолият, институтҳои сармоягузорӣ ва самтҳои афзалиятноки Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ гурӯҳбандӣ карда шаванд;

- татбиқи принсипи саноатикунонӣ дар рушди стратегии кишвар тавассути эълони ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат асоснок карда шуда, муаммоҳои рушди соҳаи саноат ба монандӣ: 1) паст будани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат; 2) мавҷуд набудани заминаи васеъ барои азнавсозии тамоми соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ ва кластерҳои саноатӣ; 3) нарасидани захираҳои молиявӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат; 4) номукаммал будани заминаи илмӣ-истеҳсолӣ ва ба таври кофӣ рушд наёфтани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар сатҳи корхонаҳо; 5) вобастагии рушди соҳаи саноат аз воридоти маҳсулоти саноатӣ, асоснок гардидааст;

- нишондиҳандаҳои муайянкунандаи тамоюли тавсеаи фазои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гурӯҳбандии минтақаҳо аз рӯи сатҳи рушди саноат ҷудо карда шудааст: индекси рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, сохтори истеҳсолӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии саноат, вазни қиёсии минтақаи алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар. Гурӯҳбандии пешниҳодгардида зарурияти равона намудани ҷараёни сармоягузориҳои ҷалбшуда ба минтақаҳои нисбатан камрушди мамлакатро асоснок менамояд;

- муайян карда шудааст, ки таҳия ва татбиқи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД) ҳамчун усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар рушди бахши инфрасохтор барои саноатикунонии босуръати мамлакат, инчунин воситаи кафолати давлатӣ ҳангоми ҷалби сармояҳо, баромад мекунад. Ҳамзамон, тартиби маъмурӣ ва меъёрҳои интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои ворид намудан ба БСД бояд дар инҳо асос ва ба инобат гирифта шаванд: дар самтҳои рушди афзалиятнок; зарурияти ҷалби сармоя ё маблағҳои худии вазорату идораҳо ва мақомоти

иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва бахши хусусӣ; меъёрҳои маблағҳои қарзӣ ва грантӣ; муҳимият, пешомад ва эҳтимолии таъсиррасонии мусбии лоиҳаи сармоягузорӣ ба соҳа, минтақа ва аҳолӣ; самаранокии иқтисодии лоиҳаи сармоягузорӣ; банақшагирии теъдоди таъсиси ҷойҳои кории нав ва таъсир ба сатҳи некуаҳволии аҳолӣ. Инчунин, дар ин раванд ба инобат гирифтани хавфҳои сиёсӣ, амалиётӣ, асъорӣ ва молиявӣ мӯҳим мебошад;

- дар раванди банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба мақсади тавсеаи фазои саноатии кишвар ба воситаи зиёд гардонии миқдори лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ, саҳми лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ барои рушди инфрасохтори саноати коркард бояд бештар пешниҳод карда шаванд. Таҳлил нишон дод, ки дар сатҳи ҷумҳуриявӣ барои рушди инфрасохтори саноати коркард танҳо - 2 лоиҳаи сармоягузорӣ ё 4% аз миқдори умумии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ё ин ки 1,2% аз маблағи умумии лоиҳаҳои татбиқшаванда рост меояд;

- таҳлили ҳолати кунунии раванди саноатикунонии минтақаҳои кишвар нишон дод, ки аз рӯи индекси рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ (129,9%) ва сохтори истеҳсоли маҳсулот аз рӯи бартарияти нишондиҳандаҳои асосии саноати коркард (63,1%) мақоми пешсафро минтақаи Суғд, аз рӯи вазни қиёсии минтақаи алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ - минтақаҳои Суғд – 29,9% ва Хатлон – 29,3%, аз рӯи раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ минтақаи Суғд – 53,2% ва аз рӯи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар минтақаи Хатлон – 56,8% соҳиб аст. Бинобар ин, дар фаъолияти Шӯроҳои маҳаллию минтақавии рушди соҳибкорию сармоягузорӣ ва Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат масъалаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва бунёди инфрасохтори истеҳсолӣ, принсипи ҳамоҳангсозӣ, ҳамчун принсипи идоракунии асосии раванди тавсеаи фазои саноатии кишвар баромад мекунад;

- бо мақсади баланд бардоштани нақш ва мақоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат зарурияти таҳия ва қабули Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатӣ, ҳамчун воситаи банақшагирии индикативӣ дар доираи усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ пешбинӣ мегардад. Ин имконият медиҳад, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат бо стратегияи умумии сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафҳои миллии рушди кишвар мувофиқ буда, ҳамчунин, дар доираи талаботи барномаи рушди соҳавии меъёрҳои сифатнокӣ, асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ, экологӣ-иҷтимоӣ ва нақши вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, амалӣ гарданд;

- нишон дода шудааст, ки механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, унсури ҳамгироикунандаи мақсадҳои рушди сармоягузорӣ ва дастгирии сармоягузорӣ буда, дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ҳамчун зарурияти объективӣ мебошад. Дар навбати худ,

механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ – ин роҳи татбиқи барномаҳои стратегии рушди иқтисоди миллии мамлакат дар асоси ҷалби сармояи воқеӣ ба бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёти минтақа ва ташаккули робитаҳои уфуқӣ ва амудии идоракунии байни институтҳои миллии идоракунанда, институтҳои пешниҳодкунандаи захираҳои молиявӣ ва субъектҳои сатҳи минтақавии идоракунӣ мебошад. Самтҳои ҳадафноки стратегии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати мамлакат аз инҳо иборат аст: 1) ҳамворакуни тафовути ҳудудӣ, 2) таъмини рушди саноат, 3) баландбардории иқтидори содиротӣ, 4) воридоти технологияҳои баландсифат, 5) рушди иҷтимоии аҳолӣ, 6) диверсификатсияи маҳсулоти саноатӣ тавассути баландбардории рақобатпазирӣ, 7) такмили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи саноат, 8) қабули барномаҳои стратегии дарозмуҳлати рушди саноат, 9) таъмини хӯрокворӣ, 10) ҳамбастагӣ миёни сохторҳои қудратии давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидории самти саноат, 11) таъмини шуғли аҳолӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳамчун заминаи коркардҳои илмӣ дар фаъолияти амалӣ ва таҳияи минбаъдаи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар раванди идоракунии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар ба инобат гирифта шаванд.

Маводи таҳқиқотиро ҳангоми хондани лексия оид ба курси “Сармоягузории байналмилалӣ”, “Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ”, “Менеҷменти молиявӣ”, “Муносибатҳои байналмилалии асъорӣ-қарзӣ”, инчунин ҳангоми хондани маърузаҳо дар курси махсус оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноатикунонии босуръат ба ихтисосҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбии кишвар хондан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи илмии мазкур барои истифода ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 07.02.2023, №19-250), Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (санади татбиқ аз 17.02.2023, №2-1г/58), Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ (санади татбиқ аз 15.02.2023, №10/И-с) ва дар раванди дарсгузарӣ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (натиҷаҳои таҳқиқот аз 06.02.2023, №01/48) пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот ба талаботи шиносномаи тахассус – 08.00.06.04. – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо, бандҳои 10.1. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо; 10.3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.5. Механизмҳои институтсионалии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. Идоракунии

тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ; 10.7. Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ (патентҳо, ноу-хау, имиҷ, бренд ва ғ.). Идоракунии лоиҳаҳо, коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва идоракунии он, идоракунии донишҳо, хавф (риск), сифат, бизнес-равандҳо дар ташкилот. Методология ва методҳои идоракунии инноватсионӣ, низоми инноватсионии корпоративӣ; 10.8. Ҷанбаҳои методӣ ва методологии арзёбии самаранокии идоракунии низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои мониторинги равандҳои истеҳсолот ва дигар равандҳои ба он алоқманд; дурнамогирӣ, банақшагирӣ ва идораи равандҳои истеҳсолӣ ва натиҷаи онҳо. Назорат, мониторинг ва татбиқи муносибатҳои бенчмаркинг дар низоми идоракунии ташкилот. Механизмҳо ва методҳои қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ. Идоракунии лоиҳаҳо. Идоракунии равандҳои истеҳсолот, низоми муосири истеҳсолӣ мутобиқат мнамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот аз интихоби мавзуъ, таҳияи нақшаи корӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводҳои оморӣ, интихоб ва иҷрои талаботҳои зарурии тартиби нишон додани адабиёт, муайян кардани мақсад ва иҷрои вазифаҳо, бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муҳаққиқ дар заминаи таҳлили васеъи назарияи сармоягузорӣ ва нақши лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноатикунонии босуръати кишвар, бо назардошти ҳадафҳои стратегии рушд, тавсияҳои методӣ пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои сатҳи минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла дар конференсияҳои илмӣ-амалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (2010-2023), инчунин дар конференсияи ҷумҳуриявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Масоили мумбрами иқтисод ва менеҷмент дар Тоҷикистони муосир» (соли 2012), конференсияи ҷумҳуриявии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистони шаҳри Бӯстон дар мавзуи «Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили рушди босуръати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар саноат» (соли 2021) ва конференсияҳои байналмилалии «Баҳисобгирӣ, иқтисодиёт, менеҷмент: қайдҳои илмӣ» (Лутск, Украина соли 2014) ва бахшида ба 100 солагии таъсисёбии кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии аграрии Воронеж (Федератсияи Руссия, соли 2014) ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба рисолаи илмӣ аз тарафи муҳаққиқ 65 корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иҷро гардидааст, ки 54 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад. Аз онҳо 15 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, 60 ҷадвал, 21 расм, хулосаву пешниҳод иборат буда, бо истифода аз 337 сарчашма таҳия карда шуда, дар 400 саҳифаи компютерӣ омода карда шудааст.

Дар **муқаддима** мубрам будани рисолаи илмӣ асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи кор, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи илмӣ муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисолаи илмӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар боби якум **«Асосҳои назариявии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат»** лоиҳаи сармоягузорӣ, ҳамчун воҳиди ченаки ҳолати фазои сармоягузорӣ дар кишвар баррасӣ гардида, усулҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат нишон дода шуда, дастгоҳи консептуалӣ ва гурӯҳбандии хавфҳои механизми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Дар боби дуюм **«Асосҳои методологӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ, ҳамчун воситаи идоракунии раванди саноатикунонии мамлакат баррасӣ шуда, ҷанбаҳои институтсионалии танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноат таҳлил гардида, зарурияти такмили сиёсати сармоягузорӣ дар стратегияи рушди саноат нишон дода шудааст.

Дар боби сеюм **«Таҳлили раванди сармоягузорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлили вазъи кунунӣ ва баҳодиҳии тавсеаи фазоии саноатии кишвар гузаронида шуда, вазъи сармоягузорӣ ба раванди саноатикунонии босуръат дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор дода, усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ пешниҳод гардидааст.

Дар боби чорум **«Хусусиятҳои татбиқи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»** лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ, ҳамчун воситаи ҳамворакунии рушди ҳудудии саноатикунонии босуръати минтақаҳо нишон дода шуда, дар асоси таҳлили ҳолати воқеӣ хусусиятҳои амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати минтақаҳои Душанбе, НТМ Суғд, Хатлон ва ВМКБ муайян карда шудааст.

Дар боби панҷум **«Такмили механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** роҳҳои баланд бардоштани сифат ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат таҳқиқ карда шуда, механизми дусатҳаи идоракунӣ дар татбиқӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шуда, пешниҳодҳои асоснок оид ба самтҳои ҳадафноки стратегии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст.

Дар **хулоса,** хулосаҳои асосии назариявӣ ва тадбирҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд, ки расидан ба ҳадафи гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои ин таҳқиқотро инъикос мекунанд.

## ҚИСМАТИ АСОСӢ

Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

**1. Хусусиятҳои идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили амиқи мафҳум ва категорияи «фаъолияти сармоягузорӣ» ҳамчун маҷмуи васеи самтҳои ояндадори татбиқи он, таъминоти захиравӣ, сатҳи самаранокӣ ва омилҳои таъсиррасонӣ бо маблағузорӣ ба сармояи асосӣ алоқаманд, ошкор карда шудааст.**

Фаъолияти сармоягузорӣ ин маҷмуи васеъ намудани самтҳои ояндадори татбиқ, муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, таъмини афзоиш ва такмили сохтори сармоягузорӣ дар асоси низоми иҷтимоӣ-иқтисодии сармоягузорӣ мебошад. Дар маҷмуъ, ҳангоми таҳлили фаъолияти сармоягузорӣ метавон қайд намуд, ки фаъолияти сармоягузорӣ ба чунин принсипҳои вазифавӣ ҷавобгӯй мебошад: ҷолибияти сармоягузорӣ; иқтидори сармоягузорӣ; сиёсати сармоягузорӣ; фаъолсозии сармоягузорӣ; фазои сармоягузорӣ ва ниҳоят, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳамчун нишондиҳандаи ҳолати воқеии иқлими сармоягузорӣ дар мамлакат (расми 1.).




**Расми 1. Хусусиятҳои идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи мамлакат**

*Сарчашма:* Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ қайд шудааст, ки лоиҳаҳои сармоягузории барои татбиқ пешниҳодшаванда ва дар сатҳи минтақа ва ҷумҳурӣ дар мамлакат амалишавандаро, метавон ҳамчун назариявӣ асоснокгардида ва амалӣ барои истифода дар низоми идоракунии давлатӣ, нишондиҳандаи вазъи фаъолияти сармоягузорӣ дар умум ва вазъи иқлими сармоягузорӣ дар кишвар ба назар гирифт. Ба хусус, агар фаъолияти сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузорон, асосан барои гузоштани сармояи худ ва ба даст овардани

фоида таҳлил карда шавад, пас аз мавқеъи идоракунии давлатӣ он ҳалли маҷмӯи масъалаҳои алоқаманд бо баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ барои ҷалби сармоягузориро ифода мекунад. Дар адабиёти иқтисодӣ ба таври умум эътироф шудааст, ки ин пеш аз ҳама ба вазъи иқтисодии кишвар; сиёсати таваррум; механизмҳои гирифтани қарз барои амалинамоии фаъолияти сармоягузорӣ; заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи равандҳои сармоягузорӣ; низоми ҷории андозбандӣ барои фаъолияти сармоягузорӣ ва дигарон вобаста мебошад.

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки ин рӯйхати мазкур мукаммал нест, аммо маҳз ҳамин гурӯҳи омилҳо ба самаранокии раванди сармоягузорӣ дар мамлакат таъсири сахттар мерасонанд. Дар раванди таҳлили ин омилҳо, дар боби якуми кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки барои ташаккули фаъолсозии сармоягузорӣ дар мамлакат, зарурияти риоя намудани занҷираи ҳаракатдиҳанда ва ангезаи ҷалб (сармоягузорӣ) ва фаъолсозии сармоягузорӣ ба миён меояд (расми 2).




**Расми 2. Занҷираи фаъолсозии фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисоди миллӣ**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар таҳқиқот нишон дода шудааст, ки дар тамоми марҳилаҳои таърихии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон заминаҳои ташкили сиёсати самарабахши сармоягузорӣ дар иқтисоди миллӣ гузошта шуда буданд, вале дар баробари ин душвориҳои муайяне низ ба миён омаданд, ки бояд дар амал дар шароити саноатикунонии босуръат ҳал карда шаванд.

Дар муқоиса бо равишҳое, ки дар адабиёти иқтисодӣ оварда шудаанд, дар таҳқиқот мафҳуми лоиҳаҳои сармоягузорӣ, раванди пешниҳоди онҳо ба татбиқ ва худи раванди татбиқи онҳо, ҳамчун нишондиҳанда ва ба маънои муайян воҳиди ченак, вазъи иқлими сармоягузорӣ ва сармоягузорӣ ба маблағгузориҳои асосӣ дар кишвар фаҳмида мешавад.

Дар раванди ҳаракат дар таҳлили масъалаҳои гузоштašуда аз умумӣ ба хусусӣ, дар таҳқиқот қайд гардидааст, ки сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи саноат категорияи идоракунӣ буда, мушкилоти асосии муносибатҳои молиявӣ-иқтисодӣ ва равандҳои рушди саноати кишвар ва минтақаҳои онро инъикос намуда, ноил шудан ба мақсад, ҳалли вазифаҳои гузоштašуда, риояи принсипҳои татбиқи мақсад ва вазифаҳои гузоштašуда, инчунин механизмҳои ташкилии ноил шудан ба онҳоро тавассути ташаккули низоми таъмин кардан, маблағгузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ин соҳаи муҳимтарини иқтисоди миллӣ дар бар мегирад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки стратегия – ин самти умумии рушди дарозмуддат мебошад, ки татбиқи он ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташударо инъикос менамояд. Ҳамзамон, яке аз унсурҳои таркибӣ дар татбиқи стратегияи сиёсати сармоягузорӣ дар саноат ин барнома ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва механизми татбиқи онҳо дар соҳаи саноат баромад менамоянд (расми 3).

Ба сифати сиёсати молиявӣ (буҷетӣ) дар соҳаи саноат ин захираҳои молиявӣ ва ташкилиест, ки аз буҷети давлатӣ барои рушд ва ҳавасмандгардонии соҳаи саноат равона карда мешаванд. Барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ аксарияти донорҳои молиявии хориҷӣ кафолати давлатиро талаб мекунанд, аз ин рӯ, маблағҳои ҷудошуда аз буҷети давлатӣ барои татбиқи миқдори зиёди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат мусоидат мекунанд.




**Расми 3. Унсурҳои таркибии идоракунӣ дар стратегияи сиёсати сармоягузорӣ дар саноат**

*Сарчашма:* Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудаст.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳо дар соҳаи саноат иштирокчиён ва унсурҳои муҳити берунӣ ва дохилӣ нақши асосиро мебозанд. Дар байни онҳо, сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи рушди саноат ва ӯҳдадориҳои ҳатмӣ барои иҷроиш аз тарафи вазорату сохторҳои онҳо, инчунин шаклҳои гуногуни институтҳо мебошад. Вазорату сохторҳои онҳо ва институтҳо занҷира ва пешбарандаи сиёсати саноатӣ дар мамлакат мебошанд. Маҳз ин ниҳодҳо тавассути муҳокимаронии дурудароз мақсадҳои сармоягузории саноатро муайян менамоянд. Ҳамзамон, вазорату сохторҳои онҳо ва институтҳо дар раванди самаранокии амалишавии мақсадҳои сармоягузории саноатӣ ӯҳдадор мебошанд.

Ба сифати унсури мӯҳими идоракунӣ дар татбиқи стратегии сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар кори диссертатсионӣ барномаҳои давлатӣ дар ин соҳа дида баромада шудааст:

- Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025;

- Чорабинӣ дар доираи эълон намудани солҳои 2022-2026 - «Солҳои рушди саноат»;

- Барномаи рушди содироти мамлакат дар давраи солҳои 2021-2025;

- Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2022 ва дигарон.

Барои ошкор намудани мавзӯи таҳқиқоти мазкур, дар кори диссертатсионӣ лоиҳаҳои сармоягузорие, ки барои маблағгузорӣ ва татбиқ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои гуногун пешниҳод шудаанд (ба хусус, солҳои 2021-2025, 2016-2020, 2012-2014, 2010-2012) мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Он лоиҳаҳои сармоягузорие, ки барои татбиқ аз ҷониби маъмурияти минтақаҳо пешниҳод шудаанд, дар диссертатсия ҳамчун ҷанбаи баробарии рушди фазоии ин минтақаҳо баррасӣ шуданд.

**2. Усулҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, тавассути ташкил ва амалинамоии барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, инчунин беҳтарсозии фазои дохилию берунии муҳити фаъолияти сармоягузорӣ, муайян карда шудаст.**

Дар кори диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, пеш аз ҳама, тавассути усули идоракунии мақсаднок дар заминаи банақшагирии индикативӣ амалӣ карда мешавад. Масалан, принсипи саноатикунонӣ дар рушди кишвар, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудааст, ба худ иҷрои амалии оянда дар намуди ҳадафи чоруми рушди миллӣ – саноатикунонии босуръат ва эълон намудани солҳои 2022-2026 - «Солҳои рушди саноат», ки дар он вазифаҳо, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои индикативии рушди соҳаи саноат муайян шудаанд.

Ҳамзамон, усули дар боло зикршуда ба истифодаи усули барномавии ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоя дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, ки тавассути таҳия ва қабули Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва Барномаи сармоягузориҳои давлати барои солҳои 2021-2025 ба таври объективи алоқамандӣ дорад. Унсури алоҳида ва мустақили ин усул, амалияи таҳияи пешниҳодҳо ва механизми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ба хусус, дар соҳаи саноат баромад менамоянд, ки имкон медиҳад дар алоҳидагӣ бо номи усули барномавии идоракунӣ дар ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар ҷудо карда шавад.

Дар кори диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки таҷрибаи пешниҳод ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ раванди мураккаби идоракунӣ буда, ҳангоми амалинамоии онҳо ҷалби миқдори зиёди сармоягузорони эҳтимолӣ зарур мебошад. Умуман, интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои дохил намудан ба феҳристи имтиёзҳои сармоягузорӣ, бояд ба меъёрҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

- стратегияи сиёсати сармоягузории кишварро инъикос намояд;

- хусусияти асоснокkунии техникӣ-иқтисодӣ ва омилҳои ба кам кардани хавф нигаронида шудаанд, дар бар гирад;

- лоиҳа бояд сатҳи масъулияти мақомоти давлатӣ ва бахши хусусиро инъикос намояд;

- лоиҳа бояд таъсири мусбати худро ба рушди минтақаи муайян инъикос намояд.

Таҳлилҳо дар диссертатсия, вобаста ба вазифаҳои таҳқиқоти мазкур гузаронидашуда имкон дод, ки механизми танзими давлатии раванди сармоягузорӣ, ҳамчун низоми мураккаби бисёрсатҳа, ки якпорчагии миқдори муайяни ҷузъҳои онро аз нуқтаи назари низоми ба итмом расидаи дохилӣ ифода мекунад, тавассути маҷмуи усулҳо ва воситаҳо, шакли муносибатҳо ва робитаҳои мушаххас дар раванди интихоби лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ба раванди сармоягузорӣ дар фазои иқтисодии ҷумҳурӣ, вобаста аз нишондиҳандаҳои интизории банақшагирии идикативӣ таъсир мерасонанд, ба таври умум баррасӣ карда шуд.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ аз нуқтаи назари рушди соҳаи саноат, ки дар шакли маблағгузории асосӣ зоҳир мегардад, аз тарафи мақомотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Мақсади танзими давлатии сармоягузорӣ ба бахши саноат ин фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолсозии сармоягузорӣ ва татбиқи сиёсатест, ки ба таъмини рушди босуръати истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт нигаронида шудааст, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.




**Расми 4. Воситаҳои асосии танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ**

***Сарчашма:*** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар диссертатсия муайян карда шудааст, ки ташаккули имконият ва шароити воқеии раванди сармоягузорӣ, аз ҷумла иштироки давлат дар бозори сармоягузорӣ, инчунин ҳавасмандгардонии фаъолияти он, унсурҳои муҳими сиёсати сармоягузории давлатӣ мебошанд (расми 4).

Дар соҳаи саноат сиёсати давлатии сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, ба бунёди шароити самаранокии максималии сармоягузориҳои гузошташуда нигаронида шудааст. Дар шароити бозорӣ воситаҳои мустақим ва

ғайримустақим, инчунин воситаҳои хусусияти маъмурӣ-иқтисодии сиёсати сармоягузории давлатӣ аз ҳамдигар ҷудо мешаванд. Масалан, ба ин воситаҳо ҳам масъалаҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла иҷозатномадиҳӣ, квотакунонии амалиёти содиротӣ-воридотӣ, танзими фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва идораи амволи давлатӣ ва ҳам расмиёти маъмурӣ ё дигар тартибот ва ғайраҳо дохил мешаванд. Дар ин ҳолат таъсири мустақими хусусияти иқтисодӣ аз он иборат аст, ки ҳам сармоягузорӣ ҳам дар минтақаҳои алоҳида ва ҳам дар соҳаҳо ва корхонаҳои саноатӣ амалӣ мегардад, ки аз рӯи хусусиятҳои ташкили худ ба рақобати бозор тоб оварда наметавонанд.

Ҳамин тариқ, ҷустуҷӯи роҳҳои такмили сохтори сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ дар соҳаи саноат ин мақсади таҳлили ҳам худи механизми танзими раванди сармоягузорӣ ва ҳам усулҳои танзим дар доираи ин механизм мебошад. Дар асоси ин фаҳмиш, мафҳуми саноатикуниро бояд қайд кард, ки дар Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ҷузъи сохтории ин раванд ба таври зайл муайян шудааст: «Раванди саноатикунонӣ ба истифодаи васеи технологияҳои нав, дар соҳаҳои энергетика, металлургия ва мошинсозӣ алоқаманд буда, аз ташкили саноати аз ҷиҳати техникӣ ва технологӣ рушдёфта ва баланд бардоштани ҳиссаи он дар иқтисодиёт асос меёбад».[3]

Дар баробари ин, дар диссертатсия таъкид шудааст, ки барои рушд ёфтани соҳаи саноат дар мамлакат якчанд муаммоҳо вуҷуд дорад, аз ҷумла:

*Муаммои аввал* - ин паст будани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат мебошад.

*Муаммои дувум* - ин мавҷуд набудани шароити васеъ барои азнавсозии баъзе бахшҳои истеҳсоли саноатӣ мебошад. Чунин азнавсозӣ метавонад ва бояд тавассути танзими давлатӣ ва сиёсати иҷрои чорабиниҳои банақшагирифташуда, ки дар асосҳои усули идоракунии мақсаднок гузошта шудаанд, амалӣ гардад. Бе кӯмаки давлатӣ бозори рушдёбанда наметавонад мустақиман азнавсозии тамоми бахшҳоро ба сомон расонад ва дар як муддати кӯтоҳ ҷараёни сармоягузориро ба бахшҳои зарурӣ таъмин намояд. Илова бар ин, дар ҷумҳурӣ бахши ғайридавлатӣ дар соҳаи саноат мавқеи асосиро ишғол менамояд (ҷадвали 1).

*Муаммои сеюм* - ин нарасидани захираҳои маблағгузорӣ барои азнавсозӣ дар бахши саноат мебошад. Дар шароити нарасидани ин маблаггузорӣ корхона наметавонад технологияи татбиқшаванда ва навовариро ҷорӣ намояд, дар натиҷа саноатикунонии босуръат суст вусъат меёбад (ҷадвали 2).

*Муаммои чорум* - ин ташаккул наёфтани заминаи илмӣ-истеҳсолӣ ва ба таври кофӣ рушд наёфтани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар сатҳи корхонаҳо мебошад. Таҳия дар ин замина, муаррифӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ин самт метавонад мусоидат намоянд, ки корхонаҳои саноатӣ ба ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, ба хусус, дар саноати коркард банд бошанд. Дар асоси ин зарур аст, ки ҳукумати мамлакат маблағ-

---

[3] Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми майи соли 2020, - №293. – С. 1.

**Ҷадвали 1. Истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳо аз рӯи шаклҳои моликият, бо нархҳои солҳои дахлдор дар солҳои 2017-2021, млн. сомонӣ**

| Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Вазни қиёсии бахш,% | 2021/ 2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноат, ҳамагӣ | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 | 38829 | 100 | 193,9 |
| Бахши давлатӣ | 1852 | 2079 | 2347 | 3473 | 3477 | 9,0 | 187,7 |
| Бахши ғайри-давлатӣ | 18177 | 21816 | 25266 | 27417 | 35352 | 91,0 | 194,5 |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2022. – саҳ. – 257.

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии корхонаҳои саноати мамлакат аз рӯи намудҳои асосии фаъолият дар солҳои 2017-2021, миқдор**

| Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2017, миқдор (+,-) | 2021/ 2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | **+398** | **119,9** |
| - саноати истихроҷи маъдан | 229 | 249 | 250 | 264 | 291 | **+62** | **127,1** |
| - саноати коркард | 1732 | 1806 | 1746 | 1846 | 1927 | **+195** | **111,3** |
| - истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об | 38 | 106 | 168 | 173 | 179 | **+141** | **471,1** |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2022. – саҳ. – 253.

ҳои буҷетиро барои КИТТК, ҳамчун озмуни лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои донишгоҳҳо ва пажуҳишҳои илмӣ баррасӣ намояд, ки аз бисёр ҷиҳат ба рушди саноат аз ҳисоби инноватсия мусоидат менамояд.

*Муаммои чорум* - ин ташаккул наёфтани заминаи илмӣ-истеҳсолӣ ва ба тоаври кофӣ рушд наёфтани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар сатҳи корхонаҳо мебошад. Таҳия дар ин замина, муаррифӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ин самт метавонад мусоидат намоянд, ки корхонаҳои саноатӣ ба ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, ба хусус, дар саноати коркард банд бошанд. Дар асоси ин зарур аст, ки ҳукумати мамлакат маблағҳои буҷетиро барои КИТТК, ҳамчун озмуни лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои донишгоҳҳо ва пажуҳишҳои илмӣ баррасӣ намояд, ки аз бисёр ҷиҳат ба рушди саноат аз ҳисоби инноватсия мусоидат менамояд.

*Муаммои панҷум* - ин фаъолияти соҳаи саноат дар шароити ҳиссаи зиёди воридоти маҳсулоти саноатӣ ва таъсири сусти талаботи дохилӣ ба рушди саноати коркард мебошад. Аз ин рӯ, метавон хулосагирӣ намуд, ки дар мамлакат бояд усули идоракунии лоиҳавии ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ ба раванди саноатикунонии босуръат такмил дода шавад. Дар шароити рушди сусти бозори сармоягузорӣ ва шароити норасогии сармоя ба саноат, усули идоракунии лоиҳавӣ имкон медиҳад, ки ҷалби сармоя ба корхонаҳои нави истеҳсолии саноати сабук, вазнин ва саноати кимиё, дар соҳаи нанотехнология ва ғайра, ки аз ҳисоби талаботи дохилӣ ва берунӣ таъмин мешуданд, оптимизатсия карда шаванд.

**3. Дезагрегатсияи мафҳуми «лоиҳаҳои сармоягузорӣ» дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа бо истифода аз меъёрҳои гуногун, гурӯҳбандӣ карда шуд.**

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз рӯи хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, техникӣ-иқтисодӣ, захиравӣ-экологӣ, ҷуғрофӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Инчунин, аз рӯи шакл онҳо ба иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ, ташкилӣ ва ғайра тақсим мешаванд. Дар самти соҳибкорӣ аз ҷиҳати татбиқ, ҳаҷми татбиқ ва ғайра фарқ мекунанд. Аз рӯи самти фаъолияти соҳибкорӣ, аз рӯи муҳлати амалишавӣ, аз рӯи андозаи татбиқ ва ғайраҳо.

Лоиҳаи сармоягузорӣ ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои ба ҳам алоқаманд ва воситаи идоракунии раванди саноатикунонии мамлакат дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисоди миллӣ, барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ баҳо дода мешаванд. Гуногунӣ ва аз бисёр ҷиҳат мураккабӣ ба омӯзиши мафҳуми «лоиҳаҳои сармоягузорӣ», ки дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оварда шудаанд, мутаассифона, имкон намедиҳад, ки меъёри ягонаи ҳамаҷонибаи тавсифи онро дар мезо- ва макросатҳҳо ҷудо намоем.

Дар адабиёти иқтисодӣ гурӯҳбандии ягонаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ пешбинӣ нашудааст. Ҳамзамон, аз тарафи мо тасниф ва воситаҳои зерини идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ пешниҳод гардид. Албатта, ин таснифот мутлақ нест (расми 5.).

Аз ин рӯ, дар рафти омӯзиш дезагрегатсияи (тақсимкунӣ) мафҳуми мазкур гузаронида шуд, ки имкон дод лоиҳаҳои сармоягузории барои татбиқ пешниҳодшуда ва татбиқшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ баррасӣ карда шаванд.




**Расми 5. Воситаҳои идоракунӣ ва таснифоти лоиҳаҳои сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф дар асоси таҳлилҳо тартиб дода шудааст.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ мафҳуми «лоиҳаи сармоягузорӣ» ҳамчун воситаи ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегӣ ва барномаҳои рушд дар доираи усули идоракунии лоиҳавии ташаккулёбӣ ва татбиқӣ сиёсати давлатии фаъолияти сармоягузорӣ фаҳмида мешавад.

Дар сатҳи минтақа лоиҳаи сармоягузорӣ, лоиҳаи дорои хусусияти молиявидошта мебошанд, ки аз тарафи маъмурияти минтақа дар асоси таъминоти захиравӣ ва интихоб дар татбиқи афзалиятҳои институтҳои идоракунандаи минтақавӣ пешниҳод гардидааст.

Мувофиқан, дар диссертатсия гурӯҳбандии хавф ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ пешниҳод гардидааст (расми 6.).




**Расми 6. Гурӯҳи хавфҳо, ки ба таъмини молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъсир мерасонанд**

*Сарчашма:* Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Ба ақидаи мо, мавҷуд набудани маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити иқтисодӣ бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гурӯҳи хавфҳои муайян, ки дар расми 6 инъикос гардидааст, алоқамандӣ дорад.

**4. Ҷанбаҳои методологӣ ва муаммоҳои идоракунии раванди саноатикунонии босуръати мамлакат тавассути татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа ошкор гардида, шаклҳои танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноат пешниҳод гардид.**

Дар умум, равиш ва мафҳуми назариявӣ ва методологӣ, ки нақши саноат дар иқтисодиёт ва саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллии кишварамонро дар солҳои истиқлолият муайян мекунанд, дар бисёре аз корҳои олимони ватанӣ ва ҳатто хориҷӣ низ баён шудааст. Аз ҷумла, дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ва барномаҳои гуногуни дорои хусусияти давлатӣ, масъала дар бораи зарурияти зиёд намудани ҳиссаи саноат дар сохтори ММД таъкид мегардад, ки ин яке аз масъалаҳои мубрами муайянкунандаи сатҳи рушди саноатии кишвар мебошад (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Таносуби ҳиссаи саноат дар ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2021, млн. сомонӣ**

| Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021* |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми ММД | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101077,3 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат** | 12839,9 | 15031,5 | 16873,8 | 19511,3 | 24131,0 |
| Вазни қиёсии маҳсулоти саноат дар ММД, бо % | 19,93 | 21,15 | 21,33 | 23,23 | 23,8 |

***Аз тарафи муаллиф дар асоси омори солона ҳисоб карда шудааст: Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2022. – саҳ. – 217;

* Ҳисобҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. – С. 50-51;

** Нишондиҳандаҳои саноати истихроҷи маъдан, саноати коркард, таъминоти (таҷҳиз) неруи барқ, газ, буғ ва ҳавои тоза ва об таъминкунӣ, полоиш, коркарди партов ва гирифтани ашёи такрорӣ якҷоя оварда шудааст; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ. Захираи электронӣ: https://stat.tj/tj/macroeconomic-indicators.

Маълумотҳои ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ дар ММД-и мамлакат дар давраи солҳои 2017-2021 ба тамоюли саноатикунонии босуръати мамлакат мувофиқат намекунад, ки он чӣ тавре дар кори диссертатсия нишон дода шудааст, бо он алоқаманд аст, ки усули лоиҳавии ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар мамлакат, ҳамчун яке аз унсурҳои механизми танзими давлатии раванди сармоягузорӣ, то ҳол усули танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ ба таври васеъ ва илман асоснок карда нашудааст.

Маҳз роҷеъ ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуда буданд, ки «Яке аз ҳадафҳои гузошташудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷсолаи оянда дар доираи солҳои 2022-2026 - «Солҳои рушди саноат» ин то ба 26% расонидани ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар мебошад. Аз ин

рӯ, гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад».[4] Дар ин радиф, дар ҳисоботи ҷамъбастии худ дар соли 2021 Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Шералӣ Кабир қайд намуданд, ки «Бори аввал дар таърихи Истиқлолият барномаҳои давлатӣ дар соҳаи саноат тақрибан пурра иҷро гардиданд ва тибқи нақша то соли 2025 ҳиссаи саноат дар ММД-и кашвар 26%-ро ташкил хоҳад дод».[5] Аз нуқтаи назари мавзуи таҳқиқотии мазкур, дар ин замина қайд кардан зарур аст, ки усули идоракунии мақсаднок бояд ба усулҳои барномавӣ ва лоиҳавии идоракунӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат мувофиқат намояд.

**Ҷадвали 4. Сармоягузории асоси (капиталӣ) аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2021, млн. сомонӣ**

| Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Ҳиссаи соҳа, 2021, % | 2021/ 2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноат | 5991,6 | 7974,2 | 6119,7 | 5683,5 | 5649,5 | 37,4 | 94,3 |
| Кишоварзӣ | 98,7 | 23,1 | 33,2 | 12,7 | 15,3 | 0,1 | 15,5 |
| Нақлиёт ва алоқа | 1202,7 | 1152,1 | 1049,3 | 1084,9 | 1612,2 | 10,7 | 134,0 |
| Сохтмон ва саноати сохтмони конструксия ва қисмҳои бинокорӣ | 957,5 | 1906,7 | 2031,4 | 1804,4 | 1464,8 | 9,7 | 152,9 |
| Савдо ва хӯроки умумӣ | 136,7 | 110,5 | 347,5 | 157,1 | 351,4 | 2,3 | 257,1 |
| Сохтмони манзил | 1106,7 | 488,0 | 1754,5 | 2378,7 | 4261,7 | 28,2 | 385,1 |
| Хоҷагии коммуналӣ | 44,9 | 15,7 | 175,0 | 105,1 | 1130,9 | 7,4 | 2518,7 |
| Маориф | 719,7 | 500,8 | 659,8 | 386,0 | 469,2 | 3,1 | 65,2 |
| Тандурустӣ | 220,0 | 323,2 | 347,4 | 163,2 | 169,9 | 1,1 | 77,2 |
| **Ҳамагӣ** | **11371,6** | **13361,0** | **12517,8** | **11755,6** | **15124,9** | **100,0** | **133,0** |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2022. – саҳ. – 294.

Барои ин нишондиҳандаи истеҳсоли саноатро дар мамлакат аз ҳисоби ҷалби миқдори кофии захираҳои дохилӣ ва берунӣ, ҳавасмандгардонӣ ва таъмини ҳаҷми баланди ММД, инчунин аз ҳисоби зиёд намудани шумораи корхонаҳои саноатӣ, махсусан дар соҳаи сохтмони истеҳсолӣ ва саноати масолеҳи сохтумонӣ афзун намудан зарур мебошад (ҷадвали 4).

Бо назардошти сохтори сармоягузории асосӣ (капиталӣ) аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2017 то соли 2021, ки дар ҷадвали 4 оварда шудааст, метавон қайд намуд, ки дар соли 2021 ҳаҷми умумии самроягузорӣ дар саноат 5649,5 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2017 (94,3%) камтар гардидааст. Дар баробари ин, ҳиссаи асосӣ ба саноат рост меояд, ки 37,4% ташкил медиҳад. Соҳаи саноат нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт бартарӣ дорад ва бесабаб нест, ки ҳукумати мамлакат ба

---

[4] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 21.12.2021. Захираи электронӣ: prezident.tj/node/27417 (Санаи тафтиш: 13.01.2022).

[5] Ҳиссаи саноат дар ММД-и кишвар 26%-ро ташкил хоҳад дод. Захираи электронӣ: http://www.javonon.tj/news/social/issai-sanoat-dar-mmd-i-kishvar-26-ro-tashkil-kho-ad-dod/ (Санаи тафтиш: 16.03.2022).

ин бахш таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст. Ин ҳолат гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ҳукумат роҳи дуруст ва сиёсати асоснокгардидаи саноатикунонии босуръати иқтисодиётро интихоб кардааст. Ин ҳолат дар расми 7 равшантар нишон дода шудааст.




| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Саноат | 5991,6 | 7974,2 | 6119,7 | 5683,5 | 5649,5 |
| Ҳамагӣ | 11371,6 | 13361 | 12517,8 | 11755,6 | 15124,9 |

**Расми 7. Ҳаҷми соҳаи саноат дар сохтори сармоягузории асосӣ (капиталӣ) дар солҳои 2017-2021, млн. сомонӣ**

***Сарчашма:*** Аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҷадвали 6. тартиб дода шудааст.

Тавре ки аз маълумоти дар расми 7 овардашуда дида мешавад, ҳиссаи саноат дар сохтори сармоягузории асосӣ (капиталӣ), ба истиснои давраи таъсири пандемияи COVID-19 меафзоияд. Дар кори диссертатсия таъкид шудааст, ки ҳар як сармоягузор ё қарздиҳандаи калон бояд дар бораи консепсияи стратегии лоиҳа, андозаи он, нишондиҳандаҳои муҳимтарини маркетингӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва молиявии он, ҳаҷми хароҷоти зарурии сармоягузорӣ, мӯҳлатҳои боздеҳии лоиҳа ва дигар хусусиятҳои он тасаввуроти дақиқ дошта бошад. Дар баробари ин, чунин усулҳои идоракунӣ дар ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, аз қабили усулҳои идоракунии мақсаднок, барномавӣ ва лоиҳавӣ, имкон медиҳанд, ки пайвастани манфиатҳои бахши хусусӣ ва давлат дар татбиқи ҳадафҳои миллии рушди мамлакат таъмин гардад (расми 8).

Дар диссертатсия ошкор карда шудааст, ки сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи саноат дар раванди саноатикунонии босуръат бояд ҳалли чунин вазифаҳои зеринро таъмин намояд:

- афзоиши ҳаҷми захираҳои сармоягузорие, ки иқтидори истеҳсолиро дар асоси заминаи инноватсионӣ ташкил медиҳанд;
- рушди соҳаҳои афзалиятноки саноат, ки мавқеи рақобатпазирии мамлакатро дар бозори беруна муайян менамоянд;
- ташаккули иқтидори содиротии соҳа, ки ба шароити бозори ҷаҳонӣ мутобиқ шуда метавонад;
- барқарор намудани ротибаҳои ҳамкорӣ барои истеҳсоли маҳсулоти таъинотӣ ва хусусияти технологидошта.




**Расми 8. Вазифаҳои сиёсати сармоягузорӣ дар ноил гардидани ҳадафи миллӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Вобаста ба ин, лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақавӣ бояд чунин лоиҳаҳо бошанд, ки бевосита ба ноил шудан ба ҳадафи рушди миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат нигаронида бошанд.

Дар раванди таҳқиқот нишон дода шудааст, ки дар доираи БСД барои солҳои 2021-2025 аз 1049 лоиҳаи сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ 138 лоиҳа ба бахши энергетика (12221148,82 ҳаз. доллари ИМА ё 31,85%), 147 лоиҳа ба соҳаи нақлиёт (18016372,6 ҳаз. млн. доллари ИМА ё 46,94%), 150 лоиҳа ба соҳаи кишоварзӣ ва обёрӣ/обтаъминкунӣ (3623506,2 ҳаз. доллари ИМА ё 9,44%), 256 лоиҳа ба бахши обтаъмикунӣ (1409054,57 млн. доллари ИМА ё 3,67%) ва 124 лоиҳа ба дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ (1452068,81 ҳаз. доллари ИМА ё 3,78%). Дар бахши маориф барои татбиқ 120 лоиҳа (939061,11 ҳаз. доллари ИМА ё 2,44%), 87 лоиҳа ба бахши тандурустӣ ва ҳифзи муҳити зист (467579,4 ҳаз. доллари ИМА ё 1,22%) ва 27 лоиҳа ба бахши идоракунии иқтисодиёт (252276,7 ҳаз. млн. доллари ИМА ё 0,66%) пешниҳод гардидааст.

Таҳлили соҳавии лоиҳаҳои сармоягузории татбиқшаванда дар умум дар мамлакат нишон медиҳад, ки ҳиссаи бахши саноат дар қиёс бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт бартарият дорад ва зиёда аз 80%-ро ташкил медиҳад (расми 9).

Таҳлили муфассали маълумоти дар расми 9 овардашуда нишон медиҳад, ки ҳаҷми маблағҳое, ки дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои саноат (аз ҷумла инфрасохтори саноатӣ, саноати сабук, саноати истихроҷи маъдан ва саноати хӯрокворӣ) ҷудо шудаанд, тамоюли тавсеаи фазои саноатии мамлакатро аз ҳисоби рушди саноати минтақаҳо нишон медиҳад (расми 9).

Дар баробари ин, чӣ тавре ки таҳлили лоиҳаҳои сармоягузории барои татбиқ дар минтақаҳои мамлакат ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ пешниҳод шудаанд, нишон медиҳад, онҳоро аз рӯи мақсадҳои дар ин лоиҳаҳо пешбинишуда ба даҳ гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Мисол, ҳадафи гурӯҳи якуми лоиҳаи сармоягузорӣ - инфрасохтори саноатӣ (Гузаронидани корҳои ҷӯстуҷӯи-геологӣ), гурӯҳи дуюм - рушди саноати коркард, гурӯҳи сеюм - саноати сабук, гурӯҳи чорум - саноати хурокворӣ, гурӯҳи панҷум - соҳаи саноати кӯҳӣ, гурӯҳи шашум - соҳаи кишоварзӣ, гурӯҳи ҳафтум - соҳаи рушди

хизматрасонӣ, гурӯҳи ҳаштум - сохтмон, гурӯҳи нӯҳим - соҳаи нақлиёт ва гурӯҳи даҳум - соҳаи сайёҳӣ мебошад (расми 9).




**Расми 9. Тақсимбандии маблағи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз рӯи соҳаҳо, млн. доллари ИМА**

***Сарчашма:*** Аз рӯи маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст; Маводи интернетӣ: https://investcom.tj/ru/invest/investicionnaja-dejatelnost/452-perechen-proektov-dlja-privlechenija-prjamyh-investicij.html

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки бартарият дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ, дар умум ба самти соҳаи саноат равона карда шудаанд, ки сатҳи минтақавии тавсеаи фазои саноатии мамлакатро дар раванди саноатикунонии босуръат тавсиф менамояд. Муайян карда шудааст, ки дар сатҳи минтақа аз 50 лоиҳаи сармоягузорӣ 33 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 1313,62 млн. доллари ИМА ё 80% аз маблағи умумӣ ба соҳаи саноат рост меояд, аз ҷумла 2 лоиҳаи сармоягузорӣ ба соҳаи инфрасохтори саноатӣ дар ҳаҷми 20 млн. доллари ИМА ё 1,2% аз маблағи умумӣ, 9 лоиҳаи сармоягузорӣ ба соҳаи саноати коркард дар ҳаҷми 157,6 млн. доллари ИМА ё 9,6% аз маблағи умумӣ, 12 лоиҳаи сармоягузорӣ ба соҳаи саноати сабук дар ҳаҷми 345,42 млн. доллари ИМА ё 21,0% аз маблағи умумӣ, ба соҳаи саноати кӯҳи 6 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 646 млн. доллари ИМА ё 39,4% аз маблағи умумӣ, 4 лоиҳаи сармоягузорӣ ба соҳаи саноати хӯрокворӣ дар ҳаҷми 144,6 млн. доллари ИМА ё 8,8% аз маблағи умумӣ барои татбиқ равона гардидааст.

Дар рафти таҳлили сатҳи минтақавӣ дар диссертатсия лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои татбиқ пешниҳодшуда нишон дода шудааст, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои Душанбе ва НТМ сатҳи ҷумҳуриявӣ доранд ва дар минтақаҳои Суғд, Хатлон ва ВМКБ ба истифодаи захираҳои дохилии табиӣ такя менамоянд, ки бевосита ба саноатикунонии босуръати минтақаҳои мамлакат мусоидат мекунанд (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Алоқамандии нишондиҳандаҳои рушди саноат ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои мамлакат дар соли 2021**

| Нишондиҳандаҳо | Душанбе | НТМ | Суғд | Хатлон | ВМКБ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. Индекси рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, % | 114,6 | 110,3 | 129,9 | 110,3 | 132,4 |
| 2. Сохтори соҳаҳои саноат, аз ҷумла бо %: | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| - саноати истихроҷи маъдан | 1,5 | 33,3 | 30,9 | 3,9 | 62,3 |
| - саноати коркард | 61,3 | 39,9 | 63,1 | 52,6 | 11,8 |
| - истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ ва об | 37,2 | 26,8 | 6,0 | 43,5 | 25,9 |
| 3. Вазни қиёсии минтақа дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, % | 20,6 | 18,8 | 29,9 | 29,3 | 1,4 |
| 4. Вазни қиёсии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба минтақа, % | 39,1 | 1,5 | 53,2 | 5,1 | 1,1 |
| 5. Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақа, % | 16,1 | 2,2 | 24,7 | 56,8 | 0,2 |

***Сарчашма:*** Аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои таҳлилӣ тартиб дода шудааст.

**5. Нишондиҳандаҳои тамоюл ва имконоти тавсеаи фазои саноатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои истифодабарии он барои гурӯҳбандии минтақаҳо аз нуқтаи назари рушди саноат асоснок ва муайян карда шудааст. Муайян карда шудааст, ки ба чунин нишондиҳандаҳо шомиланд: рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, сохтори истеҳсоли маҳсулот аз рӯи бартарияти нишондиҳандаҳои асосии саноатӣ, вазни қиёсии минтақаи алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, раванди ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷи дар минтақа ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар.**

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки ишондиҳандаи асосии макроиқтисодии тавсифкунандаи баҳодиҳии рушди тавсеаи фазоии саноатии мамлакат дар умум, ин МММ ва сохтори соҳавии он мебошад. Маълумотҳои ҷадвали 6 нишон медиҳад, ки дар солҳои охир афзоиши назарраси маҷмӯи маҳсулоти минтақавии мамлакат ба мушоҳида мерасад, ки ҳиссаи калонро минтақаҳои Суғд, Хатлон ва Душанбе ташкил медиҳанд, ки ҳиссаи умумии онҳо 79,8% ташкил медиҳад. Дар баробари ин, тавре ки маълумотҳои ҷадвали 7 нишон медиҳад, суръати баланди маблағгузории асосӣ (капиталӣ), пеш аз ҳама, барои минтақаҳои Хатлон, Душанбе ва НТМ хос мебошад.

Дар соли 2021 суръати афзоиши маблағгузории асосӣ (капиталӣ) дар маҷмуъ нисбат ба соли 2017, асосан дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истисноиь вилояти Суғд зиёд шудааст. Ҳиссаи аз ҳама баландро танҳо дар соли 2021 дар минтақаҳои Душанбе – 31,3%, НТМ – 28,1% ва Хатлон – 25,4% мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки динамикаи маблағгузории асосӣ (капиталӣ) дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 ниҳоят нобаробар тақсим карда шудааст ва асосан ба минтақаҳои саноатии мамлакат рост меояд.

**Ҷадвали 6. Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2021, млн. сомонӣ**

| Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Ҳиссаи минтақа дар соли 2021, % | 2021/ 2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, аз ҷумла: | 56001,8 | 61368,4 | 68691,3 | 73870,5 | 91932,0 | 100 | 164,2 |
| Суғд | 17510,7 | 18343,8 | 20537,1 | 21621,9 | 27465,4 | 29,9 | 156,8 |
| Хатлон | 16003,7 | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 | 26967,8 | 29,3 | 168,5 |
| Душанбе | 11811,0 | 13808,0 | 15139,2 | 15570,5 | 18905,8 | 20,6 | 160,1 |
| НТМ | 9719,9 | 11073,5 | 12287,6 | 13532,6 | 17314,1 | 18,8 | 178,1 |
| ВМКБ | 956,5 | 1035,6 | 1063,4 | 1065,0 | 1278,8 | 1,4 | 133,7 |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2022. – саҳ. – 212.

**Ҷадвали 7. Динамикаи маблағгузории асосӣ (капиталӣ) аз рӯи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2021, млн. сомонӣ**

| Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Ҳиссаи минтақа дар соли 2021, % | 2021/ 2017,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағгузории минтақавӣ, аз ҷумла: | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11775,5 | 15124,9 | 100 | 133 |
| Суғд | 2008,4 | 1514,8 | 1736,0 | 1321,5 | 1793,6 | 11,9 | 89,3 |
| Хатлон | 2185,1 | 2802,6 | 2623,0 | 2404,9 | 3840,1 | 25,4 | 175,7 |
| Душанбе | 2839,1 | 2829,0 | 3234,9 | 3275,8 | 4736,1 | 31,3 | 166,8 |
| НТМ | 3905,4 | 5695,4 | 4666,5 | 4405,2 | 4246,3 | 28,1 | 108,7 |
| ВМКБ | 439,6 | 519,2 | 257,4 | 368,2 | 508,8 | 3,3 | 115,7 |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2022. – саҳ. – 293.

Нишондиҳандаи дигар ва хеле муҳими тамоюл ва имкониятҳои тавсеаи фазои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳандаи ҷалби сармояи хориҷӣ, ҳамчун инъикоскунандаи вазъи фаъолияти сармоягузорӣ, фаъолсозии сармоягузорӣ ва иқлими сармоягузорӣ дар мамлакт мебошад. Дар баробари ин оптимизатсияи идоракунӣ дар ин самт имкон медиҳад, ки баробарии тафовути рушди ҳудудии саноат таъмин карда шавад.

Аз рӯи маълумотҳои овардашудаи ҷадвали 8 қайд намудан мумкин аст, ки дар соли 2021 воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат дар умум 718,3 млн. доллари ИМА-ро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2020 167,7% зиёдтар мебошад. Агар дар соли 2020 ҳаҷми воридоти сармояи мустақими хориҷӣ, ки аслан ба бахшҳои саноати иқтисоди миллӣ равона гардида буд, 162,5 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021 34,2 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давра 110,6% зиёд мебошад.

**Ҷадвали 8. Ҳаҷми воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021, млн. доллари ИМА**

| Солҳо | Ҷалби сармоя | | | Ҳамагӣ млн. $ | Нисбат ба соли қаблӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | Мустақим | Дигар намуди сармоягузорӣ | Сармоягузории ҷомадонӣ | | |
| 2017 | 354,5 | 245,9 | 500,0 | 1100,4 | 100,0% |
| 2018 | 326,8 | 317,7 | | 644,5 | 58,6% |
| 2019 | 345,9 | 261,1 | 0,1 | 607,1 | 94,2% |
| 2020 | 162,5 | 265,9 | | 428,4 | 70,6% |
| 2021 | 342,2 | 376,0 | 0,1 | 718,3 | 167,7% |
| **Ҳамагӣ** | **1531,9** | **1466,6** | **500,2** | **3498,7** | |
| % | **43,8** | **41,9** | **14,3** | **100,0** | |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2022. – саҳ. – 246-247; Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумотнома оид ба воридоти сармои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. Захираи электронӣ: https://investcom.tj/uploads/post_docs/11/ rRcOjGzlhxUy.pdf (Санаи тафтиш: 29.12.2022).

Агар ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷии ҷалбшударо аз рӯи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 таҳлил намоем, метавон қайд намуд, ки ҳаҷми бештари воридоти сармоягузории хориҷӣ дар ин давра ба минтақаи Суғд – 182,0 млн. доллари ИМА ё 53,2% аз ҳаҷми умумии сармоягузорӣ, баъдан минтақаи Душанбе – 133,9 млн. доллари ИМА ё 39,1%, минтақаи Хатлон - 17,6 млн. доллари ИМА ё 5,1% НТМ – 5,0 млн. доллари ИМА ё 1,5% ва ВМКБ – 3,7 млн. доллари ИМА ё 1,1% рост меояд.

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлилҳои дар диссертатсия гузаронидашуда, имрӯзҳо барои татбиқ 50 лоиҳаи сармоягузорӣ дар минтақаҳои мамлакат пешниҳод шудаанд, ки аз онҳо 33 адад дар соҳаи саноат мебошанд. Мисол, дар минтақаи Хатлон барои татбиқ – 17 лоиҳа,

минтақаи Суғд – 7 лоиҳа ва НТМ – 1 лоиҳа барои татбиқ пешниҳод шудаанд.[6]

**6. Нишон дода шудааст, ки усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути татбиқи миёнамуҳлати Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ, усули муҳими идоракунӣ дар ноил гардидан ба мақсади саноатикунонии босуръати мамлакат мебошад. Дар кори илмӣ асоснок карда шудааст, ки тартиботи маъмурӣ, муайянкунии меъёрҳо барои ворид намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ, муайянкунии сарчашмаҳои маблағгузорӣ, инчунин ба инобат гирифтани таъсири хавф ҳангоми татбиқи онҳо, воситаи асосии идоракунӣ дар маблағгузорӣ ва татбиқи амалии вазифа дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат ба ҳисоб меравад.**

Дар кори диссертатсия нишон дода шудааст, ки яке аз барномаи муҳими стратегии рушди мамлакат ин «Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД)» барои солҳои муайян мебошад. Таҳия ва қабули БСД воситаи муҳимест, ки дар доираи он як қатор лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар мӯҳлатҳои муқарраршуда амалӣ мегарданд ва бештар ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат нигаронида шудаанд ва аз ин рӯ, асосан хусусияти иҷтимоӣ доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон БСД аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ мегардад. БСД пештар ба муддати 3 сола қабул мегардид, аммо сар карда аз соли 2016 ба муддати панҷ сола қабул гардида истодаанд. Дар маҷмуъ дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 15 БСД қабул гардидааст, ки аз онҳо 12 БСД ба муддати 3 сола, 1 БСД ба муддати 4 сола ва 2 БСД ба муддатӣ 5 сола мебошад. Қабули ҳар кадом БСД дар худ татбиқи якчанд лоиҳаҳои сармоягузориро дорад. Агар дар солҳои аввал миқдори лоиҳаҳои сармоягузории татбиқшаванда ба 10-ҳо адад мерасид, пас солҳои охир ба 100-ҳо ва баъд аз гузариш ба таҷрибаи муддати 5 солаи барномаи рушд, миқдори лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба 1000 баробар гардидааст. Масалан, дар доираи БСД барои солҳои 2016-2020 - 1210 лоиҳаи сармоягузорӣ мавриди амалишавӣ пешниҳод гардида буд.

Таҳлили БСД дар диссертатсия имкони чунин хулосагириро дод, ки на ҳамаи ин лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи БСД дар солҳои муайянгардида татбиқ мегарданд. Аксарияти он лоиҳаҳои сармоягузорие, ки дар доираи ягон БСД-и муайян татбиқ намегарданд, аммо афзалияти баланди самаранокии иҷтимоиро доранд, барои татбиқ ба БСД-и минбаъда гузаронида мешаванд.

Дар умум, лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи БСД ба се категория гурӯҳбандӣ гардидаанд:

«а) лоиҳаҳое, ки маблағгузориашон тасдиқ шудааст (бо донорҳо шартномаҳо имзо шудаанд);

[6] Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Захираи электронӣ: https://investcom.tj/ru/invest/investicionnaja-dejatelnost/452-perechen-proektov-dlja-privlechenija-prjamyh-investicij.html

б) лоиҳаҳое, ки маблағгузории як қисмашон муайян шудааст ё лоиҳаҳое, ки дарёфти манбаъи маблағгузориашон идома дорад (шумораи ками онҳо дар марҳилаи гуфтушунид бо донорҳои муайяншуда қарор доранд);

в) лоиҳаҳои грантӣ ва кумаки техникии амалкунанда ва нав пешниҳодшуда, ки дар хусуси маблағгузории онҳо гуфтушунид нашудааст».[7]

Меъёрҳои асосии интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои дохил намудан ба барнома дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани Барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[8] муайян карда шудаанд.

**Ҷадвали 9. Сарчашмаҳои маблағгузории БСД барои солҳои 2021-2025, ҳаз. доллари ИМА**

| Соҳаҳо | Миқдори лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳаҳо | Вазни қиёси аз аз маблағи умумии соҳа, % | Маблағгузории дохилӣ | Вазни қиёси аз аз маблағи умумии соҳа, % | Маблағгузории берунӣ | Вазни қиёси аз аз маблағи умумии соҳа, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Идоракунии иқтисодиёт | 27 | 252276,7 | 0,66 | 6918,0 | 2,7 | 245358,7 | 97,3 |
| Кишоварзӣ | 51 | 669609,7 | 1,75 | 39828,5 | 5,9 | 629781,2 | 94,1 |
| Объёрӣ ва обтаъминкунӣ | 99 | 2953896,5 | 7,69 | 4784,02 | 0,2 | 2949112,48 | 99,8 |
| Обтаъминкунӣ ва канализатсия | 256 | 1409054,57 | 3,67 | 9463,65 | 0,7 | 1399590,92 | 99,3 |
| Энергетика | 138 | 12221148,82 | 31,85 | 12200,0 | 0,1 | 12208948,8 | 99,9 |
| Нақлиёт | 147 | 18016372,6 | 46,94 | 52003,0 | 0,3 | 17964369,6 | 99,7 |
| Маориф | 120 | 939061,11 | 2,44 | 253466,51 | 26,9 | 685594,6 | 73,1 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи муҳити зист | 87 | 467579,4 | 1,22 | 126540,0 | 27,1 | 341039,4 | 72,9 |
| Мултисектор ва дигар бахшҳо | 124 | 1452068,81 | 3,78 | 279651,9 | 19,3 | 1172416,91 | 80,7 |
| **ҲАМАГӢ** | **1049** | **38381068,21** | **100** | **784855,58** | **2,05** | **37596212,61** | **97,95** |

***Сарчашма:*** БСД барои солҳои 2021-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2021. - №358. - С.24.

Тавре маълум аст, сохтори маблағгузории БСД аз сарчашмаҳои берунии маблағгузорӣ (грантҳо ва қарзҳо), ҳиссаи саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳиссаи маблағҳои ғайрибуҷетӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ва сохторҳо, инчунин маъмурияти минтақаҳо ва ноҳияҳо иборат мебошад. Тавре ки маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳанд, маблағгузории беруна 97,95%-и маблағи умумиро ташкил медиҳад ва танҳо 2,05% ба маблағгузории дохилӣ рост меояд. Маблағгузории қарзӣ, чун қоида, ҳангоми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории зуд ва хеле самаранок

---

[7] Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2016-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2015, №772. – С. 10.

[8] «Дар бораи тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани Барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27-уми марти соли 2018, - №161. – саҳ. - 2.

истифода мешавад. Грантҳо танҳо дар сурати мавҷуд будани қарзҳои молиявӣ барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ дода мешаванд.

Маблағгузории дохилӣ дар доираи БСД барои солҳои 2021-2025 ба манбаъҳои буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо, асосан аз ҳисоби субъектҳои хоҷагидорӣ ҷудо карда мешавад. Дар маблағгузории дохилӣ, дар қисмати ҷудо намудани маблағҳо аз буҷети давлатӣ, маблағи умумӣ дар давраи панҷсола 19739,0 ҳаз. доллари ИМА ё 1,93%-ро ташкил медиҳад. Дар доираи БСД барои солҳои 2016-2020 аз ҳисоби дигар сарчашмаҳо маблағгузорӣ, ки онҳо асосан субъектҳои хоҷагидорӣ мебошанд, маблағи умумии он 14015,0 ҳаз. доллари ИМА ё 1,37%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 10. БСД барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 аз рӯи соҳаҳо, ҳаз. доллари ИМА**

| Соҳаҳо | Микдори лоиҳаҳо | Ҳамагӣ дар доираи БСД барои солҳои 2016-2020 | Вазни қиёсии соҳа, % | Микдори лоиҳаҳо | Ҳамагӣ дар доираи БСД барои солҳои 2021-2025 | Вазни қиёсии соҳа, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Идоракунии иқтисодиёт | 27 | 252276,70 | 0,63 | 27 | 252276,7 | 0,66 |
| Кишоварзӣ | 54 | 675087,41 | 1,70 | 51 | 669609,7 | 1,74 |
| Объёрӣ ва обтаъминкунӣ | 139 | 3174222,72 | 7,98 | 99 | 2953896,5 | 7,70 |
| Обтаъминкунӣ ва канализатсия | 314 | 1483886,51 | 3,73 | 256 | 1409054,57 | 3,67 |
| Энергетика | 139 | 12310648,82 | 30,96 | 138 | 12221148,82 | 31,84 |
| Нақлиёт | 167 | 18832460,60 | 47,38 | 147 | 18016372,6 | 46,94 |
| Маориф | 130 | 953 253,71 | 2,40 | 120 | 939061,11 | 2,45 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи муҳити зист | 97 | 507958,40 | 1,28 | 87 | 467579,4 | 1,22 |
| Мултисектор ва дигар бахшҳо | 143 | 1567186,51 | 3,94 | 124 | 1452068,81 | 3,78 |
| **Ҳамагӣ** | **1210** | **39756981,4** | **100** | **1049** | **38381068,21** | **100** |

*Сарчашма:* БСД барои солҳои 2016-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2015, - №772. – С.12. бо назардошти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2015, - №772, аз 23-юми августи соли 2016, - №381 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиу иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2015, - №772, аз 1-уми августи соли 2016, - №383; БСД барои солҳои 2021-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2021. - №358. - С.24.

Таҳлили муқоисавии БСД 2016-2020 ва 2021-2025 нишон дод, ки манбаъҳои ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба бахшҳои афзалиятнок тақсим шудаанд, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст (ҷадвали 10).

Ҳамин тавр, мисол, дар БСД 2016-2020 дар соҳаҳои идоракунии иқтисодиёт, кишоварзӣ, обёрӣ ва обтаъминкунӣ дар маҷмӯъ 220 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 4101586,83 ҳаз. доллари ИМА барои татбиқ

пешниҳод карда шудааст. Дар БСД 2021-2025 шумораи онҳо ба 177 лоиҳа ба маблағи умумии 3875782,9 ҳаз. доллари ИМА-ро ташкил дод. Тавре аз маълумоти ҷадвал бармеояд, маблағҳои дар ин самт ҷудошуда асосан аз ҳисоби грантҳо ва қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати мамлакатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ ташкил медиҳад. Вазни қиёсии ин соҳаҳо, мутаносибан, 10,3% ва 10,1% аз маблағҳои умумиро ташкил медиҳад (ҷадвали 10).

Дар соҳаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия ва энергетика дар доираи БСД барои солҳои 2016-2020 барои татбиқ 453 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 1379435,3 ҳаз. доллари ИМА пешниҳод карда шудааст. Дар БСД 2021-2025 шумораи онҳо ба 394 лоиҳа ба маблағи умумии 13630203,4 ҳаз. доллари ИМА-ро ташкил дод. Маблағҳои дар ин самт ҷудошуда асосан ба грантҳо ва қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати мамлакатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ рост меояд. Вазни қиёсии ин соҳаҳо, мутаносибан, 34,7% ва 35,5% аз маблағҳои умумиро ташкил медиҳад (ҷадвали 10).

Дар соҳаҳои нақлиёт ва маориф дар доираи БСД барои солҳои 2016-2020 барои татбиқ 297 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 19785714,3 ҳаз. доллари ИМА пешниҳод карда шудааст. Дар БСД 2021-2025 шумораи онҳо ба 267 лоиҳа ба маблағи умумии 18955433,71 ҳаз. доллари ИМА-ро ташкил дод. Маблағҳои дар ин самт ҷудошуда асосан ба грантҳо ва қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати мамлакатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ рост меояд. Вазни қиёсии ин соҳаҳо, мутаносибан, 49,8% ва 49,4% аз маблағҳои умумиро ташкил медиҳад.

Дар соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи муҳити зист ва мултисектор ва дигар бахшҳо дар доираи БСД барои солҳои 2016-2020 барои татбиқ 240 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 2075144,91 ҳаз. доллари ИМА пешниҳод карда шудааст. Дар БСД 2021-2025 шумораи онҳо ба 211 лоиҳа ба маблағи умумии 1919648,21 ҳаз. доллари ИМА-ро ташкил дод. Маблағҳои дар ин самт ҷудошуда асосан ба грантҳо ва қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати мамлакатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ рост меояд. Вазни қиёсии ин соҳаҳо, мутаносибан, 5,2% ва 5% аз маблағҳои умумиро ташкил медиҳад.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки бо вуҷуди талошҳои зиёди сохторҳои дахлдори маъмурӣ, мутаассифона, дар давраи татбиқи пешбинишуда, аксари лоиҳаҳои сармоягузорӣ манбаъҳои худро пайдо карда натавонистанд ва самаранок амалӣ карда нашуданд. Сабабҳои асоси инҳоро дар бар мегиранд:

- сарфи назар аз тартиби муқарраргардида, аксари вазорату идораҳо дар вохӯриҳо гуфтушунидҳо бо мақсади ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба сармоягузорон лоиҳаҳои ба БСД дохилгардидаро пешниҳод мекунанд, ки барои татбиқи босамари барномаҳо монеаҳо ба миён меоранд;

- аксарияти лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз БСД барои солҳои 2016-2020 бинобар сабаби дарёфт нагардидани сарчашмаи маблағгузориҳо аз барномаҳои қаблӣ ба БСД барои солҳои 2021-2025 кучонида шудаанд;

- баъзе лоиҳаҳои хурду миёна бо номҳои шабеҳ берун аз БСД татбиқ мегардад, ки аз мониторинги рафти татбиқи онҳо вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо маълумот надоранд. Дар натиҷа дар БСД лоиҳаҳое, ки бо номгузориҳои дигар берун аз он татбиқ мешаванд, солҳои тулонӣ боқӣ монда, такрор мешаванд ва афзалияти худро гум мекунанд.

Дар кори диссертатсия нишон дода шудааст, ки дар доираи БСД 2016-2020 аз 1210 лоиҳаи сармоягузорие, ки дар аввал барои татбиқ пешниҳод шудаанд, танҳо 341 лоиҳаи сармоягузорӣ аз ҳисоби манбаъҳои пешниҳодшудаи маблағгузорӣ азхуд карда шуданд.

Омӯзиши лоиҳаҳои сармоягузории мавҷудбуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сарфи назар аз афзоиши шумораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ, онҳо умуман ғайриқаноатбахш иҷро мешаванд. Ин на танҳо бо манбаъҳои гуногуни маблағгузории онҳо алоқаманд мебошад, балки дар сатҳи нокифоя истифода бурдан дар доираи БСД чунин усулҳои идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат ба монандӣ усулҳои мақсаднок, барномавӣ ва лоиҳавӣ мебошад.

**7. Ошкор карда шудааст, ки дезагрегатсияи мафҳуми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат имконият медиҳад, ки гурӯҳбандии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ дар раванди банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ арзёбӣ гардида, зарурияти банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузории минтақавии афзалиятдошта, ҳамчун механизми идоракунии тавсеаи фазои саноатии кишвар асоснок карда шавад. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки дар раванди банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳиссаи лоиҳаҳои сармоягузории ҷумҳуриявӣ дар самти саноат, ки бештар ба рушди инфрасохтори саноатӣ таалluқ дорад, камтар ба назар мерасад.**

Таҳлили ҷанбаҳои амалии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки нақши онҳо дар баробарии тафовути ҳудудӣ ва саноатикунонии босуръат аҳамияти калон ва ҳалкунанда дорад. Масалан, дар кори диссертатсия 24 лоиҳаи сармоягузорие, ки барои татбиқ дар минтақаҳои Хатлону Суғд пешниҳод шудаанд, ба маблағи беш аз 1240,3 млн. доллари ИМА муайян карда шудаанд, ки бо ҳалли мушкилоти саноатикунонии босуръати мамлакат алоқамандананд (ҷадвали 11).

Таҳлили 10 самти соҳавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳҳои ҷумҳурияви ва минтақави ба монандӣ: инфрасохтори саноат, саноати коркард, саноати сабук, саноати кӯҳӣ, саноати хӯрокворӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, сохтмон, соҳаи хизматрасонӣ ва сайёҳӣ дар минтақаҳо нишон медиҳад, ки аз 50 лоиҳаҳои сармоягузории банақшагирифташуда, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба минтақаҳо нобаробар сафарбар шудаанд (ҷадвали 11).

Мисол, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ барои рушди инфрасохтори саноат дар доираи таъмини саноатикунонии босуръат танҳо - 2 лоиҳаи сармоягузорӣ ё 4% аз миқдори умумии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ё ин ки 1,2% аз маблағи умумии лоиҳаҳои татбиқшаванда рост меояд. Ба шаҳри Душанбе - 12 лоиҳаи

сармоягузорӣ ё 24% ба маблағи 244,2 млн. доллари ИМА ё 14,9%, ба НТМ - 5 лоиҳаи сармоягузорӣ ё 10% ба маблағи 36,53 млн. доллари ИМА ё 2,2% рост меояд. Ба минтақаи Суғд - 10 лоиҳаи сармоягузорӣ ё 20% ба маблағи 405,8 млн. доллари ИМА ё 24,7% аз ҷамъи умумии маблағҳо, ба минтақаи Хатлон - 20 лоиҳаи сармоягузорӣ ё 40% ба маблағи 933,1 млн. доллари ИМА ё 56,8% ва ба минтақаи ВМКБ - 1 лоиҳаи сармоягузорӣ ё 2% ба маблағи 2,5 млн. доллари ИМА ё 0,2% рост меояд.

**Ҷадвали 11. Параметрҳои асосии соҳаҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз рӯи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Соҳаҳо | Аз рӯи минтақаҳо | | | | | | Лоиҳаҳо, ҳамагӣ | Маблағи умумии бахши татбиқ, млн. $ | Бо % дар маҷмуъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳуриявӣ | Душанбе | НТМ | Суғд | Хатлон | ВМКБ | | | |
| Инфрасохтори саноат | 2 | | | | | | 2 | 20 | 1,2 |
| Саноати коркард | | 2 | | 2 | 5 | | 9 | 157,6 | 9,6 |
| Саноати сабук | | 4 | 1 | 1 | 6 | | 12 | 345,42 | 21,0 |
| Саноати кӯҳӣ | | | | 4 | 2 | | 6 | 646 | 39,4 |
| Саноати хӯрокворӣ | | | | | 4 | | 4 | 144,6 | 8,8 |
| Кишоварзӣ | | | 2 | | | | 2 | 20,51 | 1,2 |
| Нақлиёт | | 3 | | | | | 3 | 86,5 | 5,3 |
| Сохтмон | | 2 | | | | | 2 | 11,4 | 0,7 |
| Хизматрасонӣ | | 1 | | 2 | | | 3 | 180 | 11 |
| Туризм | | | 2 | 1 | 3 | 1 | 7 | 30,1 | 1,8 |
| Маблағи умумии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, млн. долл. ИМА | 20 | 244,2 | 36,53 | 405,8 | 933,1 | 2,5 | 50 | 1642,13 | 100 |
| Бо % дар маҷмуъ | 1,2 | 14,9 | 2,2 | 24,7 | 56,8 | 0,2 | 100 | | |
| Ҳамагӣ лоиҳаҳо, адад | 2 | 12 | 5 | 10 | 20 | 1 | 50 | | |
| Бо % дар маҷмуъ | 4 | 24 | 10 | 20 | 40 | 2 | 100 | | |

***Сарчашма:*** Аз тарафи муаллиф аз рӯи маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст; Маводи интернетӣ: https://investcom.tj/ru/invest/investicionnaja-dejatelnost/452-perechen-proektov-dlja-privlechenija-prjamyh-investicij.html

Ҳамзамон, дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки бо мақсади ноил шудан ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат, дар доираи усули лоиҳавии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар мамлакат, зарурияти зиёд кардани миқдори лоиҳаҳои сармоягузории пешниҳодшуда, ки ба рушди инфрасохтори саноатӣ дар сатҳи ҷумҳурияви равона шудаанд, лозим аст. Дар ин самт, тавре ки дар Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, лоиҳаҳои муҳими сармоягузорӣ ин «-таҳия, тасдиқ ва амалигардони нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани лоиҳаҳои афзалиятнок дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025; - амалисозии лоиҳаҳои энергетикӣ барои афзоиш додани ҳаҷми иқтидорҳои истеҳсолӣ ва кам намудани талафоти техникӣ, аз ҷумла

лоиҳаҳои таҷдиди неругоҳҳои барқии «Норак», «Сарбанд», «Қайроққум», бунёди марҳилаи дуюми «НБО Роғун», сохтмони «НБО Себзор» ва амалинамоии лоиҳаҳои кам намудани талафоти неруи барқ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Норак, Турсунзода, Панҷакент, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Бӯстон ва ноҳияи Данғара; - фароҳам овардани шароити пайвастшавии иншооти нави соҳаҳои мухталифи кишвар ба шабакаҳои барқӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ; - ҷорӣ намудани системаи биллингӣ дар шабакаҳои тақсимоти барқи системаи энергетикӣ; - пешбурди корҳо вобаста ба амалисозии лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи «CASA-1000» ва амалӣ намудани лоиҳаи азнавпайвастшавӣ ба низоми ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ; - ҷорӣ намудани методологияи ҳисоби тарифи неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Амалисозии нақшаҳо ва лоиҳаҳои зикршуда дар доираи маблағҳои инвеститсионӣ имконият медиҳанд, ки фаъолияти мунтазам ва боэътимоди шабакаҳои барқ таъмин карда шуда, барои пайвастшавии иқтидорҳои нави иншоотҳои саноатӣ, иҷтимоӣ иқтисодии кишвар шароити мусоид фароҳам оварда шавад».[9] Инчунин, дар ин барнома аҳамияти таъмини минтақаҳо бо шабакаҳои муосири нақлиётӣ, ки барои баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ дар саноат хеле ҷолибанд,[10] қайд карда шудааст.

Дар адабиёти иқтисодӣ ба таври умум эътироф шудааст, ки инфрасохтори саноатӣ (истеҳсолӣ) ҳамчун зернизоми ҳудудии (фазоӣ) низоми хоҷагидорӣ, ҳамчун шартҳои умумӣ барои фаъолияти иқтисодиёти миллӣ дар умум, ки барои ҳамаи истеҳсолоти ҷамъиятии мамлакат (алоқаи нақлиётӣ-коммуникатсионӣ ва ахборотӣ миёни минтақаҳо, инфрасохтори муҳандисӣ, ҳифзи экологӣ, рекреатсионӣ ва ғайраҳо) заруранд, фаҳмида мешавад. Дар асоси ин, дар таҳқиқот зарурияти мушаххасгардонии қарори идоракунӣ дар ин самт қайд гардидааст.

**8. Дар асоси таҳлили индекси рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, сохтори истеҳсоли маҳсулот аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии саноат, вазни қиёсии минтақаи алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар, ҳолати кунунии раванди саноатикунонии босуръати минтақаҳои кишвар муайян карда шуд. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки барои бештар самаранок истифода бурдани иқтидори ашёи хом ва бойгарии табиии минтақаҳо, баланд бардоштани ҳиссаи лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ дар раванди саноатикунонии босуръат дар ҳар як минтақаи кишвар Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат бояд созмон дода шуда ва фаъолияти он бо Шӯроҳои маҳаллию минтақавии соҳибкорию сармоягузории амалкунанда ҳамоҳанг карда шавад.**

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили хусусиятҳои амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати минтақаҳои мамлакат, барои бештар самаранок истифода бурдани иқтидори ашёи хом ва бойгарии табиии

[9] Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми майи соли 2020, - №293. – С.53.
[10] Нигаред ба он ҷо. саҳ. 58-59.

минтақаҳо, инчунин барои баланд бардоштани саҳми лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ дар раванди саноатикунонии босуръат, дар диссертатсия пешниҳод шудааст, ки дар ҳар як минтақаи малакат Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат созмон дода шавад. Таъсиси Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат дар минтақаҳои кишвар барои ҳамоҳангсозии кори ниҳодҳои давлатӣ, ҳамбастагӣ ва ҳамгироии илм ва истеҳсолот бо ҳам тавъам буда, мақсад ва фаъолияти онҳоро дар кӯтоҳтарин вақт бо ҳам мувофиқ ва самарабахш менамояд.

Дар диссертатсия, дар мисоли фаъолияти самаранокии Шӯроҳои маҳаллию минтақавии соҳибкорию сармоягузорӣ назди Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ нишон дод, ки барои ҳамоҳангсозии бахши давлатӣ ва хусусӣ ва паҳн намудани усули лоиҳавӣ дар идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, таъсис додани Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат назди мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зарурият мебошад. Фаъолияти он бо фаъолияти Шӯрои минтақавӣ оид ба соҳибкорию сармоягузорӣ, ба хусус, дар самти коркард ва пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи минтақа ҳамоҳанг карда шавад. Дар диссертатсия хулосагирӣ карда шудааст, ки принсипи ҳамоҳангсозӣ, бояд ҳамчун принсипи асосии идоракунии раванди тавсеаи фазои саноатии кишвар баромад намояд.

Инчунин дар кори диссертатсионӣ қайд гардидааст, ки таъсиси комиссияи махсус оид ба интихоби лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятдошта (Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2018, - №161 ҳайати комиссия оид ба интихоби лоиҳаҳои сармоягузориҳои давлатӣ ҷиҳати ворид намудан ба Барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва тасдиқ шудааст) аз бисёр ҷиҳат ба рушди саноатикунони минтақаҳои мамлакат мусоидат намудааст.

Инчунин, барои зиёд намудани саҳми лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ дар раванди саноатикунонии босуръат, дар баробари усулҳои идоракунии мақсаднок, барномавӣ ва лоиҳавӣ, принсипи ҳамгироӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар фъолияти Шӯроҳои болозикр аз манфиат холи нест, чунки масъалаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ташаккули инфрасохтори саноатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, бо ҳам алоқаманд мебошанд ва аз ин рӯ, бояд самти асосӣ дар фаъолияти Шӯроҳои болозикр гарданд. Тавре дар Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 қайд гардидааст: «новобаста аз пешравиҳо дар соҳаи саноат мушкилоти ҳалталаби зерин боқӣ мондаанд: сатҳи нокифояи рушд, рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи сусти саноати коркард, нарасидани мутахассисони баландихтисос, ба монанди менеҷерони сатҳи баланд ва менеҷменти миёна, сатҳи пасти ҳамкориҳои дохилӣ, байнисоҳавӣ, байниминтақавӣ ва ҳамгироӣ».[11]

---

[11] Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми майи соли 2020, - №293. – С. 3.

**9. Баҳодиҳии самаранокӣ ва идоракунии давлатии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ нишон доданд, ки бо мақсади баланд бардоштани нақш ва мақоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат, дар баробари Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, бо назардошти иерархияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа ва зиёд намудани ҳиссаи саноати коркард дар сохтори саноати мамлакат, зарур аст, ки Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат таҳия ва қабул карда шавад.**

Таҳлили 50 адад лоиҳаҳои сармоягузорие, ки аз тарафи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқ пешниҳод карда шудааст, тавассути усули арзиши ҷории соф NPV аз рӯи формулаи $NPV = \sum_k \frac{P_k}{1+r^k} - IC$ барои лоиҳаҳои сармоягузории маблағгузориашон яквақтаина ва формулаи $NPV = \sum_k^n \frac{P_k}{(1+r)^k} - \sum_k^n \frac{P_k}{(1+i)^k}$ барои лоиҳаҳои сармоягузории маблағгузориашон пайдарпайи дар тӯли n сол (ҷадвали 12) ҳисоб карда шуда, маълум гардид, ки танҳо натиҷаи 2 лоиҳаи сармоягузорӣ бо номи «Сохтмони завод оид ба коркарди сангҳои табиӣ дар қаламрави МОИ «Суғд»» дар соҳаи саноат бо маблағӣ 5 млн. доллари ИМА дар минтақаи Суғд ва лоиҳи сармоягузорӣ бо номи «Сохтмони комплекси сайёҳии ҶДММ «Сафедоб Тур» дар ноҳияи Шуробод» дар соҳаи сайёҳӣ бо маблағи 2,3 млн. доллари ИМА аҳамияти манфӣ доранд. Дар баробари ин, дар шароити норасоии захираҳои сармоягузорӣ ин лоиҳаҳо бояд бо дастгирии давлатӣ аз ҳисоби ӯҳдадориҳои қарзи имтиёзнок ва ҷалби захираҳои грантӣ татбиқ карда шаванд.

**Ҷадвали 12. Натиҷаи баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо истифодаи усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV**

| Номгуи лоиҳаҳои сармоягузорӣ | Минтақаи татбиқ | Соҳаи татбиқи лоиҳа | Арзиши лоиҳа, $ | Натиҷаи NPV, $ |
|---|---|---|---|---|
| Сохтмони комплекси сайёҳии ҶДММ «Сафедоб Тур» дар ноҳияи Шуробод | Хатлон | Сайёҳӣ | 2300000 | -133391,3 |
| Сохтмони завод оид ба коркарди сангҳои табиӣ дар қаламрави МОИ «Суғд» | Суғд | Саноати кӯҳӣ | 5000000 | -599715,1 |

*Сарчашма:* Дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти мухтасари лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. - 131с. бо истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV ҳисоб карда шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосагирӣ карда шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати идоракунии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои интихоби онҳо зарурияти истифода бурдани чунин меъёрҳо мавҷуд мебошад:

- инъикоси стратегияи умумии сиёсати сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи ҳадафҳо, вазифаҳо ва рушди стратегии соҳа;
- асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи он;
- масъулияти бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ;
- имкониятҳои кӯмак намудани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар татбиқи лоиҳа;

- ба инобат гирифтани оқибатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба назар гирифтани манфиати минтақа дар татбиқи лоиҳа.

Айни замон баҳодиҳии самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои сармоягузорон мушкилтар аст. Гузаронидани баҳодиҳии иқтисодӣ ва муайян кардани мутобиқати лоиҳаи сармоягузорӣ ба талаботҳои иқтисодии қонунгузории Тоҷикистон танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар ҳангоми таҳияи он вазорату идораҳои соҳавӣ ҳамроҳӣ карда шуда бошанд. Чун таҷриба нишон медиҳад, маълумоте, ки дар рафти гузаронидани корҳои таҳлилӣ-ахборотӣ аз вазорату идораҳо ба даст оварда шуда бошанд, ҳангоми омодасозии асосноккунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва қабули қарори сармоягузорони потенсиалӣ дар бораи иштирок дар лоиҳаи сармоягузорӣ хеле муҳим мебошад.




**Расми 10. Механизми пешниҳодшудаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат**

*Сарчашма:* Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар асоси таҳлилҳои боло зикр, дар диссертатсия пешниҳод гардидааст, ки монанд ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатӣ ташкил карда шавад. Мақсад аз ташкил намудани Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатӣ ин ворид намудани танҳо лоиҳаҳои сармоягузории саноатӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки чун дар Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ, давлат ба сифати кафил дар кӯмак намудани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бaромад менамояд, ба хусус, ҳангоми ҷалби чӣ сармоягузориҳои хориҷӣ ва чӣ сармоягузориҳои маҳаллӣ, дар ин ҳолат низ ҳукумати мамлакат дар кӯмак ва самаранокии татбиқӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат кафолат медиҳад (расми 10).

Раванди татбиқ ва назорати лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятнок дар соҳаи саноат бояд бевосита аз тарафи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад. Намунаи раванди қабул ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат барои ворид намудан ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатӣ чунин тасвир намудан мумкин аст (расми 10).

Бо вуҷуди ин, раванди кафолатдиҳии давлатӣ ва бевосита иштироки давлат дар шарикӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат, боварии сармоягузоронро зиёд мегардонад, инчунин ҳолати «иждивении» мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз байн меравад (расми 10).

Ҳамзамон, барои баланд бардоштани самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат, вобаста аз усули идоракунии мақсаднок ҳангоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар мамлакат дар раванди саноатикунонии босуръат дар якчанд солҳои аввали татбиқи лоиҳаҳо бояд имтиёзҳои махсус дода шуда, дар бораи раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат ҳар сол ба ҳукумати мамлакат ҳисобот манзур карда шавад.

**10. Ошкор карда шудааст, ки муҳимтарин қарори идоракунӣ дар сатҳи давлатӣ бо мақсади тавсеаи фазои саноатии мамлакат, ин ҷорӣ намудани механизми дусатҳаи идоракунӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад. Дар кори диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки ҷорӣ намудани чунин механизми дусатҳа имкон медиҳад, ки самтҳои стратегии амалӣ намудани ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар асоснок карда шаванд. Инчунин дар кори диссертатсионӣ бо истифода аз амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ оядабинии ҳаҷми сармоягузорӣ ва маҳсулоти саноатии кишвар барои давраи то соли 2030 дар асоси амалишавии бандҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва эълони ҳадафнок - солҳои 2022-2026-«Солҳои рушди саноат» муайян карда шудааст.**

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузориро таъсис додан лозим аст, ки дар он ҳадафҳои иерархиявии рушди сармоягузории мамлакат дар умум ва дастгирии сармоягузории минтақаҳо муттаҳид карда шавад. Ин барои равона намудани сармоягузориҳои калон дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва таъминокии захиравии минтақа имконият медиҳад, ки ба такмил додани

иқтидори бартарии иқтисодиёти мамлакат, фароҳам овардани шароити зарурии зиндагӣ ва меҳнати аҳолӣ ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот мусоидат менамояд. Самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бештар на аз ҳаҷми умумии захираҳои сармоягузорӣ вобастагӣ дорад, балки аз интихоби соҳаи иқтисодиёт, ки ҷараёни сармоягузорӣ ба он равона карда шудааст.




**Расми 11. Механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ**

*Сарчашма:* Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд тавассути амалҳои гуногуне, ки дар як навъ ягонагӣ ташкил шудаанд, амалӣ карда шавад, яъне, механизме, ки барои ҳалли проблемаи чӣ гуна ва чӣ тавр бояд раванди сармоягузории ҳолати сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ танзим карда шавад, чӣ гуна ин равандро ба он самте, ки ба талабот ва эҳтиёҷоти аҳолии мамлакат мувофиқ бошад, равона карда шавад.

Дар расми 11 механизми дусатҳаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳам дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ ва ҳам лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои мамлакат, бо мақсади тавсеаи фазоии саноатӣ нишон дода шудааст. Дар ин ҳолат, робитаи вазифавӣ миёни самтнокӣ ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ аз ҷониби чунин институтҳо ба монандӣ Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, институтҳои марказии идоракунанда, институтҳои маҳаллии минтақавии идоракунанда дар ҳалли масъалаҳои саноатикунонии босуръат, марказҳои минтақавии идоракунандаи лоиҳаҳо дар ҷанбаи рушди саноат ва агентҳои хоҷагидории татбиққунандаи лоиҳаҳои минтақавӣ дар соҳаи саноат таъмин карда мешаванд.




**Расми 12. Самтҳои ҳадафноки стратегии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ**

***Сарчашма:*** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Ҷанбаи мӯҳими пешниҳодгардида дар кори механизми дусатҳаи идоракунӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар он аст, ки ба сифати самтнокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ чунин соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ баромад менамоянд, ба монандӣ – инфрасохтори саноат, саноати коркард, кӯҳӣ, сабук ва хӯрокворӣ, инчунин кишоварзӣ, нақлиёт, хизматрасонӣ ва сайёҳӣ (расми 11.).

Дар таҳқиқот қайд гардидааст, ки барои ҳалли ин масъалаҳо таъсиси Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат, ҳамчун институти асосии ҳамоҳангсоз дар механизми идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат ва муколамаи самаранок байни бахши хусусӣ ва давлатӣ аҳамияти муҳим дорад. Чунин равиш зарурияти таҳияи 11 самтҳои ҳадафноки стратегии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуд (расми 12).

Дар таҳқиқот нишон дода шудааст, ки самтҳои ҳадафноки стратегии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона намебошад ва то андозае барои сохторҳои соҳавӣ ва идоракунии маъмурӣ дар мамлакат мувофиқ мебошанд. Дар робита ба ин, дар таҳқиқот кӯшиши пешгӯикунии ҳаҷми сармоягузорӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дарояндаи дурнамо пешбинӣ шудааст, ки бояд лоиҳаҳои сармоягузориро (расми 13 ва 14) дар раванди татбиқи ҳадафи рушди миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат фарогир бошад.




**Расми 13. Оияндабинии ҳаҷми сармоягузориҳо, млн. сомонӣ барои солҳои 2023-2030**

*Сарчашма:* Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.




**Расми 14. Оияндабинии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ барои солҳои 2023-2030**

*Сарчашма:* Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Тибқи пешгӯиҳои дар кори диссертатсия пешниҳодшуда, ҳаҷми сармоягузорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти саноат то соли 2030 метавонад, мувофиқан, 10509,7 млн. сомонӣ ва 29455,55 млн. сомониро ташкил диҳад.

## ХУЛОСАҲО

### А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бештар пайдо мекунад. Барои саноатикунонии босуръати мамлакат зарурияти иҷрои боз ҳам кор дар бобати фаъолсозии институтҳои татбиқи он, таъмини сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва захираҳои наве, ки бояд ба комёбиҳои навтарини илм ва истифодаи воситаҳои идоракунӣ нигаронида шаванд, лозим аст. Раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун нишондиҳандаи истифодаи самаранокии захираҳои сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ, балки ҳамчун нишондиҳандаи вазъи иқлими сармоягузорӣ дар мамлакат баромад мекунад. Ин равиш самти нисбатан нав дар назарияи идоракунӣ буда, механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ пайвандагарӣ муҳимтарин дар низоми банақшагирии индикативӣ баромад менамояд [4-М] [7-М];

2. Ҳалли самараноки вазифаҳое, ки дар Барномаҳои саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2025, сармоягузориҳои давлатӣ (2021-2025) ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва дар ниҳоят, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 гузошта шудаанд, бо аҳамият ва мақоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар низоми сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ ва паст кардани сатҳи рушди нобаробарии фазоии минтақаҳо алоқаманд мебошад [2-М] [10-М] [12 -М][15-М][17-М];

3. Механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки унсури муттаҳидкунандаи ҳадафҳои рушди сармоягузорӣ ва дастгирии сармоягузорӣ мебошад, ҳамчун зарурияти объективӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи ҳам Барномаи сармоягузортиҳои давлатӣ ва ҳам лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ баромад менамояд. Механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ин роҳи татбиқи барномаҳои стратегии рушди иқтисоди миллии мамлакат мебошад, ки ба ҷалби сармояи воқеӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ва минтақаҳо, ташаккули робитаҳои уфуқӣ ва амудии идоракунӣ байни институтҳои миллии идоракунӣ, институтҳои пешниҳодкунандаи захираҳои молиявӣ ва субъектҳои идоракунандаи сатҳи минтақавӣ асос ёфтааст. Самтҳои ҳадафноки стратегӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат аз инҳо иборат аст: 1) ҳамворакуни тафовути ҳудудӣ, 2) таъмини рушди саноат, 3) баландбардории иқтидори содиротӣ, 4) воридоти технологияҳои баландсифат, 5) рушди иҷтимоии аҳолӣ, 6) диверсификатсияи маҳсулоти саноатӣ тавассути баландбардории рақобатпазирӣ, 7) такмили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи саноат, 8) қабули барномаҳои стратегии

дарозмуҳлати рушди саноат, 9) таъмини хӯрокворӣ, 10) ҳамбастагии сохторҳои қудратии ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидории саноат, 11) таъмини шуғли аҳолӣ [4-М] [7-М] [12-М] [14-М] [17-М];

4. Татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат тавассути татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ба воситаи чунин усулҳои идоракунӣ дар шароити банақшагирии индикативӣ, ба монандӣ усулҳои мақсаднок, барномавӣ ва лоиҳавӣ сурат мегирад. Дар шароити муосир дар мамлакат, пеш аз ҳама, усули лоиҳавии ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоя дар раванди саноатикунонии босуръат такмил дода шавад, зеро дар шароити рушди сусти бозори сармоягузорӣ ва шароити норасогии сармоя дар соҳаи саноат, усули идоракунии лоиҳавӣ имкон медиҳад, ки ҷалби сармоя ба корхонаҳои нави истеҳсолии саноати сабук, вазнин ва кимиё, дар соҳаи нанотехнология ва ғайра, ки аз ҳисоби талаботи дохилӣ ва берунӣ таъмин мешуданд, оптимизатсия карда шаванд [2-М] [7-М] [8-М] [11-М] [12-М];

5. Дизагрегатсияи (тақсимкунӣ) мафҳуми "лоиҳаҳои сармоягузорӣ" имкон медиҳад, ки онҳоро аз нуқтаи назари пешниҳод барои татбиқ ва воқеан татбиқшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ баррасӣ намоем. Дар сатҳи ҷумҳурӣ мафҳуми лоиҳаи сармоягузорӣ ҳамчун воситаи ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди давлатӣ бо мақсади татбиқӣ сиёсати давлатии фаъолияти сармоягузорӣ фаҳмида мешавад. Дар сатҳи минтақа лоиҳаи сармоягузорӣ, ин лоиҳаи дорои хусусияти молиявидошта мебошанд, ки аз тарафи маъмурияти минтақа дар асоси таъминоти захиравии минтақа, ки афзалиятҳои институтҳои идоракунандаи минтақавӣ инъикос менамояд, мебошад [4-М] [13-М] [52-М];

6. Айни замон ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ дар ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутаассифона, ба тамоюли саноатикунонии босуръати мамлакат мувофиқат намекунад, ки ин бо он вобаста аст, ки усули лоиҳавии ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар мамлакат, ҳамчун яке аз унсурҳои механизми танзими давлатии раванди сармоягузорӣ, то ҳол ҳамчун усули васеъ ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ қабул нашудааст [11-М] [15-М] [16-М] [17] [21-М];

7. Усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути татбиқи Барномаи миёнамӯҳлати сармоягузориҳои давлатӣ, усули муҳими идоракунӣ дар ноил шудан ба мақсади саноатикунонии босуръати мамлакат мебошад. Аммо, сарфи назар аз афзоиши миқдори лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД), онҳо умуман ба таври кофӣ маблағгузорӣ намешаванд. Ин дар сатҳи нокифоя истифода бурдан дар доираи БСД чунин усулҳои идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат, аз қабили мақсаднок, барномавӣ ва лоиҳавӣ вобаста мебошад [4-М] [8-М] [11-М] [14-М];

8. Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки нақши онҳо дар баробарии тафовути ҳудудӣ ва саноатикунонии босуръат аҳамияти муҳим ва ҳалкунанда дорад. Аммо

ҳиссаи лоиҳаҳои сармоягузории ҷумҳуриявӣ дар самти саноат, ки бештар ба рушди инфрасохтори саноатӣ алоқаманд мебошад, як қисми камро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, инфрасохтори саноатӣ (истеҳсолӣ), ҳамчун зернизоми ҳудудии (фазоӣ) низоми хоҷагидорӣ, барои тамоми соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятии мамлакат (алоқаи нақлиётӣ-коммуникатсионӣ ва ахборотӣ миёни минтақаҳо, инфрасохтори муҳандисӣ, ҳифзи экологӣ, рекреатсионӣ ва ғайраҳо) аҳамияти принсипиалӣ дорад [4-М] [8-М] [12-М] [13-М] [17-М];

9. Барои ҳамоҳангсозии бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ ва паҳн кардани усули лоиҳавӣ дар идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, нақши муҳимро метавонад Шӯроҳои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дошта бошанд. Бо мақсади зиёд кардани саҳми лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ дар раванди саноатикунонии босуръат, дар баробари усулҳои идоракунии мақсаднок, барномавӣ ва лоиҳавӣ, дар фаъолияти чунин шӯроҳо бояд принсипи ҳамгироишавӣ ва ҳамоҳангсозӣ нақши муҳимро бозад, чунки масъалаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ташаккули инфрасохтори саноатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат бо ҳам алоқаманд мебошанд [1-М] [7-М];

10. Барои самаранокии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, шарти муҳим ин усули барномавии банақшагирии индикативӣ мебошад, ки метавонад шартҳои мақсаднок, лоиҳавӣ ва ҳамоҳангсозиро дар асоси таҳия ва қабули барномаҳои махсуси сармоягузории давлатӣ дар соҳаи саноат, ки аз тарафи давлат манфиат ва кафолат дар ҳамбастагии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳангоми ҷалби ҳам сармоягузории дохилӣ ва ҳам хориҷӣ таъмин намояд, муттаҳид созад [9-М] [12-М] [15-М].

**Б) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Барои самаранок ва шаффоф татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем, ки барои тавсифи пурраи ҳар як лоиҳаи сармоягузории пешниҳодшуда портали алоҳидаи Интернетӣ таъсис дода шавад. Ҳар як лоиҳаи сармоягузорӣ бояд дар соҳаҳои хоҷагии халқ дар мувофиқа бо ҳадафҳои стратегии аз ҷониби давлат муқарраргардида татбиқ карда шуда, инчунин ба ҳамворакунии тафовути ҳудудии рушди минтақаҳо мусоидат намояд. Бахши энергетика бахши нисбатан ҷолиб ва самаранок барои лоиҳаҳои сармоягузории инфрасохторӣ мебошад, зеро Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад [8-М] [13-М];

2. Сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди саноатикунонии босуръат бояд ба ҳалли чунин масъалаҳо нигаронида шавад:

- афзоиши ҳаҷми захираҳои сармоягузорие, ки иқтидори истеҳсолиро дар асоси заминаи инноватсионӣ ташкил медиҳанд;

- рушди соҳаҳои афзалиятноки саноат, ки мавқеи рақобатпазирии мамлакатро дар бозори беруна муайян менамоянд;

- ташаккули иқтидори содиротии соҳа, ки ба шароити бозори ҷаҳонӣ мутобиқ шуда метавонад;

- барқарор намудани ротибаҳои ҳамкорӣ барои истеҳсоли маҳсулоти таъинотӣ ва хусусияти технологидошта [18-М];

3. Принсипҳо, механизм ва самаранокии идоракунӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бисёр ҷиҳат аз иштироки фаъолонаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар раванди сармоягузорӣ вобаста мебошад, ки онҳо ҳангоми қабули қарорҳо оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ вазифадоранд, ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ диққати ҷиддӣ диҳанд. Дар навбати худ, соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ аз рӯи мақсадҳои стратегӣ муайян карда мешаванд, ки татбиқи онҳо самараи мусбӣ ба фаъолияти иқтисодӣ мебахшад. Бо мақсади самараноктар истифода бурдани иқтидори ашёи хом ва захираҳои табиии минтақаҳо, инчунин зиёд намудани саҳми лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ дар раванди саноатикунонии босуръат, дар ҳар кадом минтақаҳои мамлакат таъсис додани Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат, ки фаъолияти он бояд бо Шӯроҳои амалкунандаи маҳаллӣ ва минтақавӣ оид ба соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ҳамоҳанг карда шавад, зарур мебошад [7-М] [8-М] [12-М] [14-М];

4. Таҷрибаи пешниҳод намудан ва интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои дохил намудан ба БСД бояд аз рӯи меъёри ба инобат гирифтани дараҷаи хавф, махсусан дар соҳаи саноат тақвият дода шавад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки таъсири хавфҳои гуногун на бештар аз ҳаҷми захираҳое, ки барои татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ҷалб шудаанд, балки аз минтақае, ки татбиқи лоиҳа дар он ба нақша гирифта шудааст, вобаста мебошад [4-М] [8-М] [9-М] [12-М] [13-М];

5. Бо мақсади баланд бардоштани нақши лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки таҳия ва қабули Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат, ки метавонад воситаи банақшагирӣ индикативӣ дар доираи усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ гарданд, ба роҳ монда шавад. Ин имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат бо стратегияи умумии сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафҳои миллии рушди мамлакат мувофиқа карда шуда, ба ин васила, нақши идоракунии вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар татбиқи лоиҳаҳи сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он аниқ муайян карда шавад [1-М] [13-М] [14-М];

6. Механизми танзими давлатии равандҳои сармоягузорӣ ин низоми мураккаби бисёрсатҳа, ки якпорчагии он, ки аз миқдори муайяни ҷузъҳои он, маҷмуи усулҳо ва воситаҳо, шакли муносибат ва робитаҳои мушаххас дар раванди интихоби лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои татбиқ пешниҳодшуда вобаста мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ таъсис дода шавад, ки дар он иерархияи

ҳадафҳои рушди сармоягузории мамлакат дар маҷмуъ ва дастгирии сармоягузории минтақаҳо ҳамгироӣ карда шавад. Механизми дусатҳаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳам дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ ва ҳам лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, раванди тавсеаи фазои саноатии кишварро таъмин менамояд. Дар ин маврид, робитаи вазифавӣ миёни самтнокӣ ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ аз ҷониби чунин институтҳо ба монанди Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, институтҳои марказии идоракунанда, институтҳои маҳаллии минтақавии идоракунанда, марказҳои минтақавии идоракунандаи лоиҳаҳо ва агентҳои хоҷагидории татбиққунандаи лоиҳаҳои минтақавӣ таъмин карда мешаванд. [7-М] [17-М];

7. Дар раванди таҳияи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат, аз тарафи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангсозӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотии пешбарӣ мамлакат, бо мақсади саноатикунонии босуръат ва баланд бардоштани иқтидори саноатии ҷумҳурӣ зарур аст, ки «харитаи роҳнамо» бо тасдиқи нақшаи чорабиниҳои амалӣ ва нишон додани самтҳои ҷорӣ намудани технологияи нав, содироти саноатӣ, итихобӣ воридот, таъмини аҳолӣ бо кор дар бахши саноат ва раванди тавсеаи фазоии саноатии мамлакат коркард карда шавад [14-М];

8. «Харитаи роҳнамо» дар худ номгӯи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорие, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат нигаронида шудаанд, дар бар мегирад, ки чунин тақсим шудаанд: а) бо ҷалби маблағгузории беруна ва грантҳо амалӣ шаванда; б) ки барои онҳо ҳуҷҷатҳои пеш аз лоиҳа ва лоиҳаи мувофиқакардашуда бо намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ заруранд; в) таҳияи ҳатмии минбаъда ва мувофиқа бо шахсони манфиатдорро талаб мекунанд; г) дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ татбиқи онро ба нақша гирифтаанд шудааст [8-М].

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Монографияҳо ва китобҳо:**

[1-М]. Сафоев А.К. Мукаммалсозии механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ дар соҳаи саноат дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография / А.К. Сафоев. - Душанбе: «Ирфон», 2023. – 138 с.

[2-М]. Сафоев А.К. Стратегические направления привлечения государственных инвестиций в промышленность Республики Таджикистан. [Текст]: монография / А.К. Сафоев. - Душанбе: «Ирфон», 2019. – 129 с.

[3-М]. Сафоев А.К. Инновационно-инвестиционная стратегия развития Республики Таджикистан в условиях глобализации [Текст]: монография / О.Н. Рахимов, А.К. Сафоев. - Душанбе: «Ирфон», 2017. - 122 с.

[4-М]. Сафоев А.К. Механизма управления региональными инвестиционными проектами [Текст]: монография / А.К. Сафоев. - Душанбе: «Сохибкор», 2016. – 128 с.

[5-М]. Сафоев А.К. Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ [Матн]: китоби дарсӣ - барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Д.Б. Қодирзода, А.К. Сафоев. - Душанбе: «Саманд-2012», 2018. – 275 с.

[6-М]. Сафоев А.К. Иқтисодиёти ҷаҳон [Матн] Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Д.Б. Қодирзода, А.К. Сафоев. - Душанбе: «Соҳибкор», 2016. – 362 с.

**Б) Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия тавсия шудааст:**

[7-М]. Сафоев А.К. Роҳҳои такмили механизми идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2022. - №4. – С. 98-105. ISSN 2413-5151

[8-М]. Саидмуродов Л.Ҳ. Хусусиятҳои амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ: сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва гурӯҳбандии хавфҳо [Матн] / Л.Ҳ. Саидмуродов, А.К. Сафоев // Паёми молия ва иқтисод. - Душанбе, 2022. - №1 (30). – С. 12-21. ISSN 2663-0389

[9-М]. Сафоев А.К. Ҷанбаҳои назариявӣ-методии таҳқиқоти сармоя ва сиёсати сармоягузорӣ [Матн] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гума-нитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. - №1/2(98). – С. 244-252. ISSN 2663-5534

[10-М]. Сафоев А.К. Усулҳои ташкилкунӣ ва амалинамоии сиёсати давлатии ҷалби сармоя ба саноат [Матн] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. – № 1 (40). – С. 222-231. ISSN-2308-054X

[11-М]. Сафоев А.К. Ҷанбаҳои институтсионалии танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: “Сино”, 2022. - № 2. – С. 208-217. ISSN 2413-5151

[12-М]. Сафоев А.К. Классификация рисков и механизм разработки инвестиционных проектов в регионах Республики Таджикистан [Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. – № 4 ҷилди 2. (39). – С. 208-220. ISSN-2308-054X

[13-М]. Сафоев А.К. Особенности управления региональными инвестиционными проектами в промышленности Республики Таджикистан [Текст] / А.К. Сафоев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. – № 4.1. – С. 74-84. ISSN 2310-3957

[14-М]. Қодирова Г.Т. Оценка региональных инвестиционных проектов и путы повышения эффективности инвестиционной деятельности в сфере промышленности [Текст] / Г.Т. Қодирова, А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе: «Сино», 2020. – № 7. – С. 60-66. ISSN-2413-5151

[15-М]. Сафоев А.К. Совершенствование государственной политики стимулирования инвестиций в сфере промышленности Республики Таджикистан [Текст] / А.К. Сафоев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. - №1. - С. 79-85. ISSN 2310-3957

[16-М]. Сафоев А.К. Инновационно-инвестиционные аспекты индустриализации экономики Республики Таджикистан в современных условиях [Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Қисми 1. - Душанбе: «Сино», 2019. – № 5. – С. 71-76. ISSN 2413-5151

[17-М]. Сафоев А.К. Анализ современного состояния и оценка экономической безопасности развитие пространственной экономики регионов Республики Таджикистан [Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. – № 3 (24). – С. 125-132. ISSN-2308054-X

[18-М]. Сафоев А.К. Анализ государственных инвестиций в промышленности Республики Таджикистан [Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. – № 4 (25). – С. 106-113. ISSN-2308054-X

[19-М]. Сафоев А.К. Проблемы привлечения иностранных инвестиций в долгосрочные региональные инвестиционные проекты [Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе: «Сино», 2013. – №2/6 (120). – С. 65-69. ISSN 2413-5151

[20-М]. Ҷабборов Ф.А. Микроэкономические аспекты формирования инвестиционной политики [Текст] / Ф.А. Ҷабборов, А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - Қисми 1. - Душанбе: «Сино», 2013. – 2/4 (114). – С. 62-67. ISSN 2413-5151

[21-М]. Сафоев А.К. Необходимость совершенствования государственной инвестиционной политики в стратегии развития промышленности Республики Таджикистан [Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - Қисми 1. - Душанбе: «Сино», 2012. - № 2/8(100) – С. 157-162. ISSN 2413-5151

МЕЖДУНАРОДНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ТУРИЗМА И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАН

*УДК: 336 (575.3)*
**ББК: 65.9 (2) 26 (2 тадж)**
**С - 21**

***На правах рукописи***

**САФОЕВ АБДУМАДЖИД КАРИМОВИЧ**

# УПРАВЛЕНИЕ ИНВЕСТИЦИОННЫМИ ПРОЕКТАМИ В ПРОЦЕССЕ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## АВТОРЕФЕРАТ

**диссертации на соискание ученой степени**
**доктора экономических наук**
**по специальности 08.00.06.04 – Организация и управление предприятиями, системами и комплексами**

**Душанбе – 2023**

Диссертатсия выполнена на кафедрах мировой экономики и экономической теории и предпринимательской деятельности Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

| | |
|---|---|
| **Научный консультант:** | **Саидмуродзода Лутфулло Хабибулло -** член-корреспондент НАНТ, доктор экономических наук, профессор, заведующий отдела сравнительных экономических исследований Института экономики и демографии НАНТ |
| **Официальные оппоненты:** | **Низамова Тухфамо Давлатовна -** доктор экономических наук, профессор кафедры экономика предприятий и предпринимательста ТНУ |
| | **Бабаджанов Даврон Дададжанович -** доктор экономических наук, профессор, проректор по международным связам Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики |
| | **Алиджанов Джамшед Абдукаюмович -** доктор экономических наук, дотсент, заведующий кафедрой экономической теории ГОУ «Худжанский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова» |
| **Оппонирующая организация:** | **Таджикиский государственный университет коммерции** |

Защита диссертации состоится 05 сентября 2023 года, в 09:00 часов на заседании Диссертационного совета 6D.KOA-O17 при Институте экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана по адресу: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 44. E-mail: boboev.komil@list.ru, телефон ученого секретаря: (+992) 934488884.

С диссертацией можно ознокомиться в библиотеке и на официальном сайте Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана http//www.ied.ti.

Автореферат разослан «___» ____________ 2023 года.

Ученый секретарь
диссертационного совета
кандидат экономических наук Бобоев К.О.

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В настоящее время в целях развития процесса ускоренной индустриализации страны, основное внимание уделяется инвестиционной деятельности в контексте широких экономических реформ, направленных на создание благоприятных условий для устойчивого экономического развития. С точки зрения сущности экономических реформ, вопрос повышения инвестиционной активности и улучшение благоприятной среды для инвестирования является одним из ключевых вопросов. При этом на современном этапе экономических преобразований, основной целью управления экономикой в долгосрочной перспективе является создание условий для устойчивого развития и развития территориальной экономической системы, направленных на повышение уровня и качества жизни населения страны. Это обеспечивает устойчивость воспроизводственного, социального, экономического, ресурсного и экологического потенциала страны. Достижение этих целей невозможно без разработки в стране инвестиционных проектов и привлечения инвестиций в экономику. Как отметил Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан «До 2025 года в стране намечено реализация более 200 государственных инвестиционных проектов и только в реальный сектор и инфраструктуру будет вложено более 82-х млрд. сомони. Если 1991 году в стране осуществляли деятельность всего 358 промышленных предприятий с 33 тыс. рабочими местами, то в период независимости было создано 2500 производственных предприятий, и в 2022 году осуществляют деятельность 2800 промышленных предприятий с 85 тыс. рабочими местами. Только в 2022 году к деятельности приступили более 500 промышленных цехов и предприятий с 6 тыс. новыми рабочими местами, что способствовало увеличению до 43-х млрд. сомони объема производства промышленной продукции в 2022 году».[12]

В современных условиях для ускоренной индустриализации страны необходима активизация механизма реализации инвестиционных проектов, институтов их реализации, обеспечение источников финансирования и новые ресурсы для управления инвестиционными проектами, которые должны быть ориентированы на новейшие достижения науки и новые механизмы реализации. Как отмечено в Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030, третий этап реализации стратегии (2026-2030 гг.) должен стать «этапом завершения ускоренной индустриализации и создания потенциала для развития на основе знаний и инноваций».[13]

При этом для высокого уровня инвестиций в экономику должны быть привлечены не только государственные ресурсы, но и ресурсы регионов и частного сектора. Поэтому эффективность управления инвестиционными

---

[12] Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики». Душанбе. 23.12.2022. Электонный ресурс: http://prezident.tj/ru/node/29824 (Дата проверки: 24.12.2022).

[13] Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года // Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1-го октября 2016 года, №392.-С.26.

проектами во многом зависит от привлечения участия в инвестиционном процессе всех субъектов национальной экономики.

В процессе принятия управленческих решений в отношении реализации в стране инвестиционных проектов, необходимо пристальное внимание уделять развитию приоритетных отраслей национальной экономики, развитие которых связано с реализацией стратегических целей, в том числе целью ускоренной индустриализации в стране.

Разработка и принятие к реализации инвестиционных проектов должны опираться на научно обоснованные принципи управления и единую систему критериев при оценке и выборе оптимального варианта инвестиционных проектов, что будет обеспечивать эффективность инвестиционных проектов и повышение их роли в ускоренной индустриализации Республики Таджикистан.

Как показывает опыт, эффективность инвестиционных проектов, в том числе в регионах страны в основном направлена на поддержку инвестиций в слаборазвитые регионы, что позволяет не только сократить экономическое неравенство между регионами республики, но и обеспечить развитие национальной экономики и ускоренную индустриализацию экономики страны за счет эффективного использования экономического потенциала регионов.

В системе управления инвестиционными проектами в республике важную роль играют министерства и институты, которые являются административными звеньями и проводниками промышленной политики в стране. Именно эти институты определяют цели инвестиций в сферу промышленности и являются ответственными за их эффективную реализацию.

Особенность реализации инвестиционных проектов в Республике Таджикистан состоит в том, что она происходит на двух уровнях. Первый уровень – это проекты, которые реализуются в регионах через Программу государственных инвестиций, а второй уровень – это проекты, которые сами регионы предлагают к реализации.

С научной точки зрения инвестиционные проекты выступают не только как показатели направлений использования государственных и частных инвестиционных ресурсов, но и как показатель состояния инвестиционного климата в стране, что показывает непосредственную связь между интересами государства и частного сектора в инвестиционном процессе.

Рассмотрение процесса разработки и реализации инвестиционных проектов в стране, как показателя состояния инвестиционного климата, является новым направлением в теории управления и поэтому предполагает необходимость глубокого изучения принципов управления, критериев оценки и возможностей расширения индустриального пространства в Республике Таджикистан.

Такая постановка вопроса предопределила необходимость выбора указанной темы исследования, ее научную ценность и актуальность.

**Степень разработанности научной темы.** Общие теоретико-методологические аспекты исследования инвестиционных процессов, в том числе, в условиях ускоренной индустриализации представлены в работах таких отечественных и зарубежных ученых, как академики Каюмов Н.К., Назаров Т.Н.,

Нарзикулов И.К., Рахимов Р.К., Саидмуродов Х.М., а также Грищина В., Гафорзода Дж.Г., Иванова Л.С., Исмоилов А.А., Каримова И.И., Курбонов С.Н., Кодирзода Д.Б., Мукаддасзода Ф.М., Набиев Б.А., Наимзода Н.К., Нуров Ш.С., Рахимзода Ш.М., Салиева Х.Ш., Султонзода И.М., Пошиваленко Г.П., Тарелкин А.А., Умаров Х.У., Фаррухи Р., Холов Т.А., Джурабаев Г.Дж., Шарипов У.А., Юсупова Г.А. и другие.

Вопросы соотношения государственного регулирования инвестиционной политики и разработки и реализации инвестиционно-инновационных проектов, в том числе в сфере промышленности рассматриваются в работах таких отечественных и зарубежных ученых, как Бердиев Р.Б., Горфинкель В.Я., Ендовицкий Д.А., Икромов Ф.Н., Каримов А.Х., Кандиёрова Д.О., Комилов С.Дж., Левина Л.Ф., Маковецкий М.Ю., Мирсаидов А.Б., Низамова Т.Д., Никаноров Д.Е., Никитина Е.А., Розиков В.А., Солехзода (Солиев) А.А., Сафаров С.Г., Швандар В.А., Щедровицкий П.Г., Шерова Н.Д. появляются и другие.

Классификация инвестиционных проектов и эффективный процесс их реализации в реальном секторе экономики отражены в работах отечественных и зарубежных ученых, таких как Абдуллоев А.Х., Азжеурова К.Е., Алиджанов Дж. А., Бабурин В.Л., Довгялло Ю.П., Золотогоров В.Г., Кангро М.В., Пантелеева О.Б., Рахимов О.Н., Розиков Б.Х., Сергеев П.В., Тагаев Дж.Х., Убайдзода К.Н., Файзуллоев Т.Т., Шумилин С.Н. и другие.

Значимость природно-ресурсного потенциала и инвестиционной привлекательности регионов для реализации инвестиционных проектов проанализированы в работах отечественных и зарубежных авторов, таких как: Аброров Х., Азимов П.Х., Бакоев Ш.С., Бегматов З.Р., Давлатов К.К., Катаев А.Х., Муртазоев У.И., Мухаббатов Х.М., Насимова М.А., Обидов Ф.С., Одинаев Х.А., Ольшанская М.В., Пиризода Дж.С., Попова А.Р., Сатторов А.А., Уроков Д., Хоналиев Н.Х., Хофизов Х.А., Черезова Я.А. и другие.

Вопросы управления инвестиционными проектами на уровне страны и его регионов проанализированы в работах отечественных и зарубежных ученых, таких как Баротзода Ш.М., Бабаджанов Д.Д., Бурков В.Н., Быстров О.Ф., Гончарова Е.А., Гаффоров Ф.М., Жерновая Э.В., Закирова А.М., Заложнев А.Ю., Зувайдуллоева Г.Х., Инжинова Л.А., Ковалёва С.И., Комилов Н.О., Крутских Д.Б., Лексин В.Н., Леонтьев С.В., Маколов В.И., Малышев Д.П., Мирбобоев Р.М., Муминова Ф.М., Назарова Н.С., Николаев М.А., Нуруллоев З.Х., Ройзман И., Саидмуродзода Л.Х., Хабибов С., Шапкин А.С., Яковлева Н.А. и другие.

При этом, такие вопросы как теоретические основы и аспекты организационно-экономического механизма управления инвестиционными проектами в сфере промышленности, особенности реализации инвестиционных проектов в промышленности регионов, а также взаимосвязь инвестиционных проектов с процессом ускоренной индустриализации страны и расширения ее инсдутриального пространства, и, в особенности, применение программного метода управления и финансирования инвестиционных проектов посредством Программы государственных инвестиций и, соответственно, путей

совершенствования механизма управления и реализации инвестиционных проектов в Республике Таджикистан, еще недостаточно изучены.

